Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**С. БЕГМАТОВ**

# МУСИҚӢ

Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфи 6-уми
мактабҳои таълими миёнаи умумӣ

Нашри шашуми такмилёфта

*Вазорати таълими халқи Республикаи Ӯзбекистон
ба нашр тавсия намудааст*

Хонаи эҷодии табъу нашри ба номи Ғафур Ғулом
Тошканд – 2017

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

УЎК 78 (075.3)=222.8
КБК 85.31я 71
Б 45

М у қ а р р и з о н:

**Гулчеҳра Дадабоева** – мудири шуъбаи «мусиқӣ, санъат, таълими меҳнат, камолоти ҷисмонӣ ва саломатии» Маркази таълими республика;

**Васила Гаппарова** – омӯзгори фанни маданияти мусиқии мактаби таълими миёнаи умумии рақами 203-юми ноҳияи Учтепаи шаҳри Тошканд;

**Фирӯза Аҳмадейева** – омӯзгори фанни маданияти мусиқии мактаби таълими миёнаи умумии рақами 284-уми ноҳияи Сирғалии шаҳри Тошканд.

**Бегматов С.**
Мусиқӣ: Китоби дарсӣ барои синфи 6. – Нашри шашуми такмилёфта. – С.Бегматов. –Т.: ХЭТН ба номи Ғафур Ғулом. Соли 2017, – 88 саҳ.

**Барои босамар истифода бурдани китоби дарсӣ аломатҳои шартии зеринро дар хотир доред:**

 – шунавидани мусиқӣ

?! – савол ва супориш

 – саводи мусиқӣ

 – хониши мустақилона

 – саройидан бо ҷамоа

 – машқи созкунии овоз

**Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби республика ба иҷора чоп шудааст.**

УЎК 78 (075.3)=222.8
КБК 85.31я 71

© С. Бегматов.
© Хонаи эҷодии табъу нашри ба номи Ғафур Ғулом, соли 2017.

ISBN 978-9943-5006-8-6

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МУҚАДДИМА

Донишомӯзони гиромӣ! Китоби дарсии «Мусиқӣ», ки барои донишомӯзони синфи 6 тавсия мегардад, шумоёнро бо олами мумтози мусиқӣ шинос мекунад. Мусиқии мумтоз асарҳои ҳамаҷониба бузург ва мукаммалро дар бар мегирад. Онҳо аз тарафи ҳар як авлод бо диққат омӯхта шудаанд ва ҳамчун манбаи бузурги эҷодие, ки барои ба оянда ворисй муносиб шудан даъват мекунанд, дар хизматанд.

Аз китоби дарсӣ аз фолклори халқ ва мусиқии мумтоз, мусиқии халқҳои Шарқ, мусиқии замонавии эстрадӣ, ҳамчунин бинобар мусиқӣ ва эҷодиёти мумтози композиторӣ маълумот мегиред.

Мусиқиро халқ меофарад. Оҳангсозон ва бастакорони халқ бошанд, аз халқ гирифта, онро аз нав кор карда, дар намунаи жанрҳои мумтоз аз сари нав ба халқ тақдим менамоянд. Мусиқии халқӣ содда ва бо воқеияти ҳаёти халқ вобастагӣ дорад. Мусиқии классикӣ бошад, меваи тафаккури инсон, яъне маҳсули эҷодиёти бастакорист. Мусиқии замонавӣ намуна, маҷро ва услубҳои нав ба навест, ки дар натиҷаи мизони тараққиёти давр ба вуҷуд омадааст.

Дар чоряки I оид ба мусиқии мумтоз ва хусусиятҳои жанрҳои он маълумот дода шудаанд; дар чоряки II бошад, бештар ба мизонҳои мусиқии замонавӣ, аз ҷумла ба мусиқии эстрадии ӯзбек диққату эътибор нигаронда шудааст; дар чоряки III бошад, бо мусиқии тоҷик, араб, турк, озар, эронӣ, хитоӣ, уйғур, японӣ, ҳинд, қазоқ, қирғиз барин халқҳои Шарқ аз наздик шинос мегардед; дар чоряки IV аз эҷодиёти мусиқии мумтози оҳангсозони Аврупоӣ, аз қабили В.Мотсарт, Л.Бетховен, Ф.Шопен, М.Глинка баҳраманд мегардед.

Мусиқии мумтоз боигарии маънавие ба ҳисоб меравад, ки решаи он аз анъанаҳои миллии халқҳо об мехӯрад. Омӯхтан ва эъзози онҳо барои камолоти ҳар як инсон зарур мебошад. Умедворем мавзӯъҳое, ки аз китоби дарсӣ ҷой гирифтаанд, дар бобати ташаккулу дар қалб ҷойгирсозии ҳисси ба худ хоси авлоди баркамол, боз ҳам мустаҳкам гардидани меҳру муҳаббат нисбати Ватанамон, идроки маданияти умумибашарӣ, донистани мероси мусиқӣ хизмат мерасонанд.

*Муаллиф*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ГИМНИ ДАВЛАТИИ РЕСПУБЛИКАИ ӮЗБЕКИСТОН

*Шеъри Абдулло Орипов* *Мусиқии Мутал (Мутаваккил) Бурҳонов*






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




Серқуёш, ҳур ўлкам, элга бахт, нажот,
Сен ўзинг дўстларга йўлдош, меҳрибон!
Яшнагай то абад илму фан, ижод,
Шуҳратинг порласин токи бор жаҳон!

Н а қ а р о т:

Олтин бу водийлар – жон Ўзбекистон,
Аждодлар мардона руҳи сенга ёр!
Улуғ халқ қудрати жўш урган замон,
Оламни маҳлиё айлаган диёр!

Бағри кенг ўзбекнинг ўчмас иймони,
Эркин, ёш авлодлар сенга зўр қанот!
Истиқлол машъали, тинчлик посбони,
Ҳақсевар, она юрт, мангу бўл обод!

Н а қ а р о т

Олтин бу водийлар жон Ўзбекистон,
Аждодлар мардона руҳи сенга ёр!
Улуғ халқ қудрати жўш урган замон,
Оламни маҳлиё айлаган диёр!



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ЧОРЯКИ I

## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУСИҚИИ МУМТОЗ

### *Мавзӯи 1:* МУСИҚИИ МУМТОЗ

*«Мусиқии мумтоз»* мақом, оҳангу таронаи (ашӯлаи) мураккаби шаклан бузургест, ки маҳсули аз ҳама нодири эҷодиёти созанда, сароянда ва оҳангсоз ба ҳисоб меравад. Дар амалиёт он *«мусиқии мумтоз»* ё худ *«мусиқии касбӣ»* ҳам номида мешавад. Аз ин меброяд, ки мусиқии мумтоз намунаи аз ҳама мақбули самти касбии хоси эҷодиёти халқ аст. Асарҳои хоси самти мазкур аз тарафи *оҳангсозони* соҳибистеъдод таълиф ёфта, аз ҷониби сароянда ва *созандагони* дорои малакаи аз ҳама баланд иҷро гаштаанд. Мазмуни он мураккаб ва мукаммал мебошад. Аз ҳамин сабаб барои иҷрои он таҷрибаи калони ҳунарварӣ, маҳорат, малака ва саводи мусиқӣ лозим меояд. Мусиқии мумтоз аз қадим аз тарафи устодон ба ҷавонон омӯзонда шудааст. Ин анъанаи устодӣ-шогирдӣ то ҳол ҳам идома дорад.

Мусиқии мумтоз аз оҳанг ва таронаҳои шаклан калон ташкил ёфтааст. Онҳо мазмунан ва шаклан рангоранганд. Маълум аст, ки диёрамон аз нуқтаи назари шева ба 4 воҳаи калон тақсим мегардад. Онҳо воҳаҳои Бухоро-Самарқанд, Хоразм, Сурхондарё-Қашқадарё, Фарғона-Тошканданд. Шева на танҳо забон, балки дар оҳанги мусиқӣ ҳам акси худро пайдо менамояд.

Донишомӯзони гиромӣ! Мусиқии мумтоз мероси мо буда, ба тамоми асарҳои мусиқие, ки барои авлоди оянда таълиф меёбанд, хазинаи савту оҳанг аст. Дар ин чоряк Шумоён бо мафҳумҳои умумӣ дар бораи намудҳои мумтози мусиқиамон ва хусусиятҳои воҳавии он шинос мешавед.

*Намунаҳоро аз асарҳои мусиқии мумтоз шунавед.*

*«Гимни давлатии Республикаи Ӯзбекистон». Шеъри А.Орипов мусиқаи М. Бурҳонов*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи мазкури ба андозаи 2/4 таълифёфтаро сароед:**



?! 1. Аз хусуси мусиқии мумтоз нақл намоед.
2. Кадом намунаҳои мусиқӣ мумтоз номида мешаванд?
3. Мусиқии мумтоз аз тарафи киҳо таълиф ёфта, иҷро мегардад?
4. Кадом воҳаҳои Ӯзбекистонро медонед ва таъсири онҳо ба мусиқии мумтоз чӣ гуна мебошад?
5. Барои иҷрои мусиқии мумтоз соҳиби чӣ гуна малака бояд буд?

## *Мавзӯи 2:* ОҲАНГҲОИ МУМТОЗ

Таркиби мусиқии мумтоз дорои ду шакл аст. Якумаш, мусиқии созҳо бошад, дуюмаш, тарона (ашӯла) аст. Таркиби мусиқии созӣ асарҳоро аз савтҳои соддаи мардумӣ то намунаи усулҳои мураккаби мақом дар бар мегирад. Дар байни онҳо баробари усулҳои созии мақом бисёр асарҳои мумтози анъанавӣ ҳастанд. Оҳангҳои мумтозро оҳангсозони ӯзбек дар давраҳои мухталиф эҷод намудаанд.

Савтҳои мумтоз аз азал бо асбобҳои мусиқии мардумӣ (халқӣ) – танбӯр, дутор, ғиҷҷак, най, чанг ва сурнай иҷро шудаанд. Боз яке аз асбоби мусиқии оммавиамон дойра мебошад. Дар амалия аксар савтҳои мумтоз бо созҳои якка, ҳамчунин бо ҷӯрии якдигар иҷро мешаванд. Савтҳои мумтозе хеле бисёранд, ки ҳамаамон бо шавқу завқи баланд мешунавем. Ба онҳо «Ҳоҷиниёз I-II», «Чӯли Ироқ», «Мирзодавлат», «Муноҷот», «Савти Муноҷот», «Уфари Муноҷот», «Илғор», «Роҳат», «Раҷабӣ», «Шароф I-II», «Алиқамбар», «Қӯшчинор», «Наврӯзи Аҷам» барин савтҳо мисол шуданашон мумкин аст. Аз онҳо савтҳои «Дилхироҷ», «Ҷонон», «Лазгӣ» барои бачагон мебошанд.

### ҶОНОН

**Миёна**





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





*Гурӯҳи замонавии навозандагон.*

Савти асбобҳои мусиқии мумтоз ба сифати озуқаи маънавии инсон ба ҳама ҳузур мебахшад.

Аз байни халқамон бисёр одамони машҳуре ба камол расидаанд, ки савтҳоро барои асбобҳои мусиқии мумтоз таълиф намудаанду иҷро кардаанд. Аз онҳо Усто Олим Комилов, Юнус Раҷабӣ, Тӯхтасин Ҷалилов, Саидҷон Калонов, Ғаниҷон Тошматов, Фахриддин Содиқов, Муҳаммадҷон Мирзоев, Турғун Алиматов, Аҳмад Одилов, Абдуҳошим Исмоилов, Ӯлмас Расулов, Қаҳрамон Дадаев ва дигаронро номбар кардан мумкин аст.

*Савтҳои «Чӯли Ироқ», «Қӯштор», «Роҳат», «Ҷонон»-ро шунавед.*

**Навои зеринро ба нота нигоҳ карда сароед.**





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## БИНОКОР МЕШАВАМ

*Шеъри Алӣ Бобоҷон* — *Мусиқии Ҷӯрабой Охунов*






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




Дадои ман бинокор,
Бинокори тиллокор.
Дар шаҳру деҳ месозанд
Ҳар гуна қасру манор.

Он кас барин мешавам,
Ман устои пухтакор.
Калон шавам, месозам
Манораи соатдор.

?!

1. Савти мумтоз гуфта кадом асарҳоро мефаҳмед?
2. Савти мумтоз дар кадом асбобҳои мусиқӣ иҷро мегардад?
3. Шумо номи кадом савтҳоро медонед?
4. Кадом савти мумтоз хоси бачагон аст?
5. Оҳанги «Ҷонон»-ро ба хотир оварда, сароед.
6. Муаллифони таронаи «Бинокор мешавам» кистанд? Таронаро якҷоя сароед.

## *Мавзӯи 3:* **ТАРОНАИ МУМТОЗ**

Тарона асари авҷист, ки нисбат ба суруд ривоҷ ёфта, аз ҷиҳати шакл нисбатан калонтар мебошад. Матнҳои суханони тарона ҳам асосан ба жанри ғазал мансуб аст. Асарҳои дорои чунин хусусият одатан *«таронаи мумтоз»*, ё худ *«таронаи мардумӣ»* номида мешаванд. Таронаҳои мумтоз ҳам аз тарафи навозанда, сароянда ва оҳангсозони моҳир, ки аз байни халқ баромадаанд, таълиф ёфтаанд. Таронаҳои мумтоз бо салобатнокӣ, фарогирии васеъ ва пурмаъногиашон фарқ мекунанд. Намуду шаклҳои онҳо ниҳоят зиёданд.

Таронаҳои мумтоз дар байни халқ хеле васеъ оммавӣ гардидаанд. Ба онҳо «Ушшоқ», «Фирӯз», «Баёт», «Сувора», «Чоргоҳ»-ҳоро дохил кардан мумкин. Таронае, ки мақбули халқамон аст, ба зудӣ оммавӣ мегардад. Намунаҳои он ҳам зиёд мешаванд. Алалхусус, якчанд намуди «Ушшоқ» ҳаст: «Ушшоқи Самарқанд», «Ушшоқи Қӯқанд», «Ушшоқи Тошканд», «Ушшоқи Содирхон» ва ғайра. Ба ҷуз ин, «Гулъизорам», «Дилхироҷ», «Эй, Сабо», «Кӯчабоғи I-II», «Абдураҳмонбегӣ», «Айлагач», «Фиғон», «Сенсан севарим»,



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ГУЛЪИЗОРАМ

**М.М. ♩ = 112** *Мусиқии Ҳоҷӣ Абдулазиз Абдурасулов*





*Устоди таронаҳои мумтоз. Ҳофизи мардумӣ Маҳмудҷон Тоҷибоев.*

«Муноҷот», «Тановар» барин таронаҳо дар байни халқ машҳур гардидаанд.

Таронаҳои мумтоз дар асоси ғазалу шеърҳои эҷодкардаи намояндагони адабиёти классикӣ Рӯдакӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Навоӣ, Фузулӣ, Бобур, Машраб, Хоразмӣ, Огаҳӣ, Нодира, Муқимӣ, Фурқат, Чархӣ барин шоирон ба оҳанг даровварда шудаанд.

Таронаҳои мумтоз якка ва ё бо ҷӯровозӣ иҷро мегарданд. Сароядагон бошанд, бо ҷӯршавии ансамбли созандагон ё худ бо ҷӯршавии асбоби мусиқии худӣ ҳам таронаҳоро месароянд. Ҳангоми иҷрои тарона бисёр вақт аз дастаи асбобҳои мусиқии иборат аз танбӯр, дутор, ғиҷҷак, доира истифода мебаранд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Иҷрокунандагони таронаҳои мумтозро «ҳофиз» мегӯем. Мо номҳои ҳофизон устодон Ҳалима Носирова, Саодат Қобилова, Аҳмад Бобоқулов, Одина Ҳошимов, Ҷӯрабек Муродов, Орифхон Ҳотамов, Очилхон Отахонов, Ҳасан Раҷабӣ, Ӯлмас Саидҷонов, Муноҷот Йӯлчиева, Маҳмуд Тоҷибоев, Машраб Эрматовро бо фахр ба забон мегирем.

*Аз фонотекаи синф асарҳои «Ушшоқ», «Соқиномаи Савти Калон» ва «Гулъизорам» (Ҳоҷӣ Абдулазиз Абдурасулов)-ро шунавед.*

**Ба оҳанги зерин дирижёрӣ намуда, нотаашро бо овози аниқ, равону соф сароед:**

**Саросема нашуда**



1. Тарона чӣ гуна жанр аст?
2. Аз таронаҳои мумтоз кадомашро медонед?
3. Таронаи мумтоз аз рӯйи осори кадом шоирон иҷро мегардад ва аз онҳо киҳоро медонед?
4. Аз хусуси иҷрокунандагони таронаҳои мумтоз нақл намоед.

### *Мавзӯи 4:* ШАШМАҚОМ – АСОСИ МУСИҚИИ МУМТОЗИ МО

Шашмақом мусиқии мумтози халқҳои тоҷику ӯзбек мебошад. Шашмақом дар асри XVIII дар Бухоро хеле инкишоф ёфта буд. Дар таркиби он беш аз 250 савт ва асари шаклан калон мавҷуд аст. Шашмақом маънои шаш савтро дорад. Онҳо «Бузрук», «Рост», «Наво», «Дугоҳ», «Сегоҳ» ва «Ироқ» номгузорӣ шудаанд.

Шашмақомро навозанда ва сароянадагоне иҷро мекунанд, ки соҳиби дониши махсус мебошанд. Онҳоро мо «мақомсароён»-мегӯем. Аз азал ансамблҳои махсусе фаъолият пеш мебаранд, ки Шашмақомро иҷро мекунанд. Ба ин ансамблҳо дар Тошканд ансамбли «Мақомчилар»-и ба номи Юнус Раҷабии назди Ширкати симо ва садои Ӯзбекистон, ансамблҳои мақомсароён аз вилоятҳои Бухоро, Хоразм, Самарқанд, Андиҷон ва Фарғона мисол шуда метавонанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## САМОИ ДУГОҲ

*Мусиқии мардумӣ*



*Яке аз асарҳои таркиби Шашмақомро шунавед (Масалан, аз мақоми Бузрук «Таснифи Бузрук» ва ғайраро).*



*Ансамбли мақомсароёни ба номи Юнус Раҷабӣ.*
*Роҳбари бадеӣ Абдуҳошим Исмоилов*



## НАСИҲАТ ВА ФАРЗАНД

*Шеъри Г.Асирӣ* — *Оҳанги мардумӣ*






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




Намак дар комҳо ширинтар аз шаҳду шакар гардад,
Ҷигарҳо хун шавад, то як писар мисли падар гардад,
Падар аз шавқи дил дар кӯдаки дасти писар гирад,
Ба уммеде, ки дар пирӣ писар дасти падар гирад.

**Савти додашударо аз шаклҳои гуногуни ритмӣ истифода бурда, навозед.**



?!
1. Шашмақом чист?
2. Қисмҳои таркибии Шашмақомро медонед?
3. Шашмақом дар куҷо ва кай ташаккул ёфтааст?
4. Аз хусуси ансамблҳои мақом ҳарф занед.
5. Аз «Самои дугоҳ» намунаеро иҷро кунед.

## *Мавзӯи 5:* МУСИҚИИ МУМТОЗИ ВОҲАИ ФАРҒОНА-ТОШКАНД. ТАРОНАИ КАЛОН

Ҳар як воҳаи Ӯзбекистон дорои анъанаи ба худ хоси мусиқӣ мебошад. Мусиқии мумтози самти Фарғона-Тошканд дар асоси тарзи зиндагонӣ, машғулият ва ҳаёти этникии халқҳое ба вуҷуд омадааст, ки дар ҳамин ҷо ҳаёт ба сар мебаранд. Ба мусиқии мумтози воҳаи мазкур асарҳое дохил мешаванд, ки бо усули мақом иншо гардидаанд. Онҳо «Баёт I-V», «Шаҳнози Гулёр I-V», «Дугоҳ Ҳусайнӣ I-VII», «Чоргоҳ I-V» мебошанд. Баробари ин дар воҳа мавҷуд будани силсилаи созҳои ба маҳал хос, усули сурнай ва махсусан, жанри Таронаи калон боиси диққату эътибор аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ТАРОНАИ ДУГОҲ ҲУСАЙНӢ

*Мусиқии мардумӣ*




Намунаҳои мусиқии мумтози Фарғона-Тошканд нисбати Шашмақом соддатар буда, дар зери таъсири таронаҳои мардумӣ, таронаи калон ва жанри суруд бисёр асарҳо таълиф ёфтаанд.

Ба мусиқии мумтози воҳа серҷилогӣ, ҷозиба, оҳангнокӣ ва баробари ин озодӣ хос мебошад. Аз ҳамин сабаб навозанда ва сарояндагоне бисёр баромадаанд, ки соҳиби услуби иҷрогарӣ мебошанд. Маматбобо Сатторов, Ҷӯрахон Султонов, Маъмурҷон Узоқов, Усто Ғаниҷон Тошматов, Фахриддин Содиқов барин санъаткорон – мураббиёнро зикр кардан.

**ТАРОНАИ КАЛОН** яке аз жанрҳои ба худ хоси овозии услуби маҳаллии водии Фарғона аст. Дар байни халқ ашулаи патнисакӣ ҳам номбар мегардад. Таронаи калон одатан бидуни асбобҳои мусиқӣ аз тарафи ду-се нафар овозхон иҷро мешавад. Азбаски сохти мусиқӣ ва иҷрои таронаи калон дар шакли мураккаб аст, онро овозхонҳои моҳири соҳибмалака месароянд. Аз ин рӯ, мардумамон онҳоро овозхонони калон гуфта ба забон мегиранд. Барои иҷрои Таронаи калон овозҳо дорои диапазони калон, бақувввату зебо шуданаш лозим. Омӯзиши асрори иҷрогарӣ аз устодон талаб карда мешавад. Зеро таронаи калон бо оҳанги васеъ микёс, аз ҷиҳати усул озодӣ, фақат ба водии Фарғона хос будан фарқ мекунад. Ҳангоми иҷрои он овозхонҳои калон бо навбат, паси ҳам месароянд. Хотимаи ҷумлаҳои оҳангро бо ҳамнафасӣ, якҷоя иҷро менамоянд. Овозхонҳои калон ба даст ликопча мегиранд. Он ба фароҳам овардани созгориҳо барои иҷрои тарона хизмат мерасо-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

над. Овозхонони калони машҳур Ҳамроқул Қорӣ, Маматбобо Сатторов, Ҷӯрахон Султонов, Одилҷон Юсуфов ва ғайраҳо мебошанд.

*Асарҳои «Баёт I», «Мушкилоти Дугоҳ» ва «Насруллои I» ва яке аз таронаи калонро шунавед.*

*«Тошкент» («Тошканд»). Шеъри У.Қӯчқор, мусиқии Х.Ҳасанова*

**Номи оҳанги додашударо ёфта, ба нота нигоҳ карда сароед ва давом диҳед**



?!
1. Воҳаи Фарғона-Тошканд дорои кадом мусиқии мумтоз аст? Номҳояшро номбар кунед.
2. Аз санъаткорон ва иҷрогарони устоди таронаи калони воҳа киҳоро медонед?
3. Намунаеро аз асари «Таронаи дугоҳ ҳусайнӣ» сароед.
4. Таронаи калон чӣ гуна жанр аст ва хоси кадом воҳаи республика мебошад?
5. Хусусиятҳои жанри таронаи калонро нақл кунед.

## *Мавзӯи 6:* МУСИҚИИ МУМТОЗИ ВОҲАИ ХОРАЗМ

Хоразм яке аз воҳаҳоест, ки дорои маданияти қадима буда, бо маданият ва санъати худ ба тараққиёти фарҳанги Осиёи Миёна ҳиссаи калон гузоштааст.

Мусиқии мумтози Хоразм аз жанрҳо сероб аст. Баробари мақомҳои худ савт, таронаҳо ва достонҳои ба худ хосро соҳиб мебошад. Мақомҳои Хоразм аз «Рост», «Бузрук», «Наво», «Дугоҳ», «Сегоҳ», «Ироқ» ва «Панҷгоҳ» (қисми нопурра) иборатанд. Умуман, онҳо «Шашуним мақом» гуфта мешаванд.

Ба ғайр аз мақомҳои Хоразм оҳангу ва таронаҳои мумтози ба ин воҳа хос аз қабили «Сувора», «Нақш», «Фарёд» мавҷуданд. Ва онҳо маҳз намунаи мусиқии мумтози Хоразм ба ҳисоб мераванд. Дар иҷрои услубии онҳо ҳам махсусият мавҷуд мебошад. Онҳо дар иҷрогарии созӣ ва тарона равшан ҳис мегарданд. Дар садаи XIX



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Навозандагон ва сароядагони воҳаи Хоразм.*

мақомҳои Хоразм дар асоси «Хати танбӯри Хоразм» ба нота даровварда шудаанд.

Боз як навъи мусиқии мумтози Хоразм ин иҷрогарии достон мебошад. Зеро дар воҳаи мазкур достонҳо ҳам дар услуби тарона иҷро мегарданд. Достонсароён дар байни халқ бахшиён номида мешаванд (аз он ҷумла, Болабахшӣ).

Созҳои ба худ хоси иҷрогарии мусиқии мумтози воҳаи Хоразм инҳоянд: тор, ғижжак, қӯшнай, танбӯр, дутор, сурнай ва доира.

Устодони мусиқии мумтози Хоразм Мадраҳим Шерозӣ, Ҳоҷихон Болтаев, Комилҷон Отаниёзов мебошанд.

*Асарҳои «Сувора» ва «Фирӯз-I»-ро шунавед.*

**АЛИҚАМБАР**





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Роҳҳои ичрогарии санъати достонсаройии Хоразм.**

Санъати достонсароии воҳаи Хоразм дар байни халқ жанри васеъ оммавигардида мебошад. Жанри мазкур, ки дорои хосияти ба худ хоси воҳа ҳисоб меравад, бо анъанаҳои ичрогарии хос аз дигар воҳаҳо фарқ мекунад. Анъанаи ба худ хоси ичрогарии ба сароядагони воҳаи Хоразм мувофиқ бо овози кушод саройидан аст. Одатан, матни насрӣ, бо тарзи ҳикоя қироат мегардад. Дар ин ҳолат баробари ҷалб сохтани шунавондани бахшиён воқеаро фаҳмонда медиҳанд, сипас матни шеърии достонро ҳамроҳ карда, ба шакли тарона месароянд. Дар воҳаи Хоразм аз азал достонҳоро бо кӯмаки дутор ичро карда меоянд. Вақтҳои охир ичрогарии достонҳо ниҳоят инкишоф ёфта, роҳҳои ичрогарии он ҳам зиёд гаштанд.

Оқибат, бахшиён-ичрогарон дар амалия, бо ҳамоҳангии ансамблҳои созии торӣ ва созандагон саройиданро васеъ истифода мебаранд. Дар воҳаи Хоразм ичрогарони достон-бахшиёни машҳур хеле бисёранд. Дар байни онҳо санъаткори дар байни халқ бо номи Болабахшӣ машҳур Қурбонназар Абдуллоев аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

?! 
1. Аз хусуси фарҳанги (маданияти) воҳаи Хоразм чиро медонед?
2. Дар бораи намунаҳои мусиқии мумтози Хоразм нақл намоед.
3. Кадом мақоми Хоразмро медонед?
4. Санъати достонсароии Хоразмро маънидод кунед.
5. Аз навои «Чапандози Сувора» намунаеро иҷро намоед!

## *Мавзӯи 7:* МУСИҚИИ МУМТОЗИ ВОҲАИ СУРХОНДАРЁ ВА ҚАШҚАДАРЁ



Воҳаи Сурхондарё ва Қашқадарё бо урфу одат ва анъанаҳои миллии худ алоҳида фарқ мекунад. Мусиқии мумтози онҳо ба достонсарой вобаста аст. Дар анъанаҳои достонсарой бошад, хислатҳои адабӣ-насрӣ ва мусиқӣ таҷассуми худро пайдо кардаанд.

Хусусиятҳои ба худ хоси достонсарой дар истифодаи овози хира (бо гулӯ сароида мешавад) ва бо асбоби дӯмбира ҷӯр шудан мебошад. Аз ҳамин сабаб воҳаи мазкур бисёр вақт бо достонсароии худ машҳур мебошад. Иҷрогарони достонҳоро дар байни халқ достончӣ, бахшӣ, шоир меноманд. Қисми достоне, ки суруд карда иҷро мегардад, «нома» номида мешавад. Достонҳои аз ҳама бештар паҳншудаи водӣ «Алпомиш», «Соҳибқирон», «Авазхон», «Искандарнома», «Гӯрӯғли», «Ошиқ Ғариб ва Шоҳсанам» ва ғайра мебошанд. Онҳо достонҳои таърихӣ-қаҳрамонӣ ва ишқӣ ба ҳисоб мераванд.

### ТАМОШОГОҲ

**М.М. ♩. = 60** *Аз достони «Ошиқ ва Шоҳсанам»*





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




*Намунаҳоро аз достони «Алпомиш» шунавед.*






## ОФТОБИ МАН

*Шеъри Юсуф Аҳмадзода* *Мусиқии мардумӣ*






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




Ҳар саҳар рух кушояд,
Аз паси кӯҳ бараояд.
Оламро бо хандаҳояш,
Зарфишонӣ намояд.

Офтоб, офтоб, офтоби ман, офтоби ман.

Ин кӯҳи дашту саҳро,
Ин шаҳри деҳаи мо.
Ин замини бебаҳо,
Бо хандаҳояш зебо.

Офтоб, офтоб, офтоби ман, офтоби ман.

Услубҳои достонсаройии Сурхондарё-Қашқадарё.

Услуби достонсаройии Сурхондарё-Қашқадарё ба худ хос аст. Ба самти достонсаройии воҳаи мазкур нигоҳ карда, дар байни халқ юзбоши (Шеробод), шоир (Қашқадарё) ва бахшӣ номида мешаванд. Услуби ичрогарии воҳаи мазкур ба худ хос буда, асосан ичрогарон гулӯяшонро хирӣ карда, бо овози хира (овози гирифта ҳам гуфтан мумкин аст) месароянд. Одатан онҳо бо сози думбираи якка ба худ чӯр мешаванд. Дар байни халқамон аз рӯйи достонсаройии воҳа бахшиёне бисёранд, ки достонҳоро аз қабили «Алпомиш», «Гӯрӯғли», «Кунтуғмиш» саройида, ном баровара-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

анд. Шобердӣ бахшӣ, Абдуназар Поёнов барин достонсароён аз ҷумлаи онҳоянд.

?! 1. Аз хусуси жанрҳои мусиқии мумтози воҳаи Сурхондарё ва Қашқадарё нақл кунед.
2. Кадом достонҳоро медонед?
3. Номҳои шоир-бахшиёнро номбар кунед.

## *Мавзӯи 8:* МАВҚЕИ МУСИҚИИ МУМТОЗ ДАР МАДАНИЯТИ МО



*Ҳунарвари мардумии Ӯзбекистон Замира Суюнова.*

Маданияти мусиқӣ омилест барои бо ҳам наздикшавии халқҳо, мустаҳкамкунии дӯстӣ. Халқе, ки маънавиёташ бузург аст,ояндааш ҳам бузург мешавад. Халқамон соҳиби маданияти бой, мероси беқиёси мусиқии мумтоз мебошад ва ба ғанӣ будани он дар давоми сабақҳои гузашта гувоҳ гардидем. Мусиқии мумтоз озуқаи маънавиест, ки аз тарафи устодон – навозанда, сароянда ва оҳангсозони халқамон таълиф ёфтаанд. Мураккабнокӣ ва пурсалобатнокии онҳо бошад, нишонаи бузургист. Аз ҳамин сабаб ҳар як эҷодкори давр гузаштаи халқи худ, мусиқии мумтозашро бояд эъзоз намояд, ба он такя кунад ва анъанаҳояшро давом диҳад, кори муносибро барои оянда ба иҷро расонад. Ҳар як эҷодкори замонавӣ аз решаи анъанаҳои гузашта об хӯрад, табиист, ки идомадиҳандаи «миллат» мегардад.

*Намунаҳоро аз достонҳои мардумӣ шунавед.*

**МУСИҚИИ КЛАССИКӢ** асари мусиқие номида мешавад, ки дар асоси шаклҳои муайян офарида шудаанд. Ба жанрҳои мусиқии классикии халқҳои ӯзбеку тоҷик мақомҳо, таронаҳову оҳангҳое, ки бо роҳи мақом таълиф ёфтаанд, таронаи калон ва суворaҳо дохил мегарданд. Мусиқии классикиро оҳангсозон, навозандагон ва сарояндагоне эҷод кардаанд, ки дар замонҳои гузашта умр ба сар бурдаанд. Ҳар як жанри мусиқии классикӣ дорои шакли ба худ хос аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар мусиқии классикӣ замонҳои гузашта аз ғазалиёти намояндагони адабиёти мумтоз Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Бобур, Огаҳӣ, Саъдӣ, Камол, Ҳофиз ва ғайра истифода бурдаанд.

Мусиқии классикӣ – мақомҳо дорои диапазони (фосилаи мобайни овози аз ҳама боло ва аз ҳама пасти ҳофиз, сози мусиқӣ ва ғайра) аз ҳама калон аст. Аз ҳамин сабаб барои иҷрои онҳо дар овозхон бояд овози васеъ ва парвариш ёфт.

Дар замонҳои қадим мақомҳо дар доираи анъанаи даҳонакӣ аз қабили устоду шогирд омӯхта, аз як насл ба насли дигар гузаштааст. Айни замон мусиқии классикӣ дар тамоми зинаҳои низоми таълими республика омӯзонда мешавад. Чунончи, дар мактабҳои мусиқии бачагона, литсейҳои академӣ ва коллеҷҳо, ҳамчунин муассисаҳои таълими олӣ ба сифати дарс гузашта мешавад.

?!
1. Дар бораи мусиқии мумтоз чиҳоро медонед?
2. Мавқеъ ва аҳамияти мусиқии мумтоз дар ҳаётатон чӣ гуна аст?
3. Мусиқии мумтоз ба эҷодиёти замонавӣ чӣ мебахшад?
4. Шумо мусиқии мумтозро чӣ тавр тасаввур менамоед?
5. Таъсири мусиқии мумтоз ба маданиятамон чӣ тавр аст?

## КОРИ НАЗОРАТӢ

**1. Мусиқии мумтоз чист?**

А) Оҳанг ва таронаи мураккаби шаклан калон;
Б) Жанри мусиқии 4 қисма; В) Асари бадеӣ.

**2. Оҳангҳои мумтоз чанд хел мешаванд?**

А) 4 хел; Б) 2 хел; В) 6 хел.

**3. Оҳангҳои мумтоз дар кадом созҳо иҷро мегарданд?**

А) Скрипка, виолончел, фортепиано; Б) Доира, барабан, литавра;
В) Танбӯр, дутор, ғиҷҷак, най.

**4. Таронаи мумтоз чӣ гуна мешавад?**

А) Аз 4 банд иборат; Б) Асари калони симфоникӣ;
В) Асари авҷаш калон.

**5. Иҷрогарони таронаи мумтозро мо чӣ ном мебарем?**

А) Бахшӣ; Б) Ҳофиз; В) Шоир меномем.

**6. Шашмақом кай ва дар куҷо ташаккул ёфтааст?**

А) Асри XVIII, дар Бухоро; Б) Асри XVI, дар Самарқанд;
В) асри XVIII, дар Тошканд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**7. Шашмақом чӣ гуна маъноро ифода месозад?**

А) Суруди мумтоз; Б) Шаш мақом;
В) Мақоми Самарқанд.

**8. Кадом сурурд «Патнисакӣ» номида мешавад?**

А) Таронаи калон; Б) Суруди нақоратдор; В) Суруди лирикӣ.

**9. Кадоме созҳои анъанавии Сурхондарё-Қашқадарёанд?**

А) Скрипка, дутор, пианино; Б) Дӯмбира, қобус, сибизиқ, чангқобуз;
В) Рубоби афғонӣ,чанг, ғиҷҷак.

**10. Таронаи калон дар услуби мусиқии кадом воҳа дучор меоянд?**

А) Сурхондарё-Қашқадарёанд; Б) Фарғона–Тошканд;
В) Бухоро–Самарқанд.

## ҲАРФҶАДВАЛ




1. Рамзи мусиқии Республикаи Ӯзбекистон.
2. Таронаи мумтозе, ки бо суханони «Қаро кӯзим» оғоз меёбад.
3. Номи таронаи мумтози хоси Хоразм.
4. Номи мақоми шашуми Шашмақом.
5. Оҳанги созии мардумии ӯзбек
6. Достони мардумии ӯзбек.
7. Жанри аз ҳама мураккаби мусиқии мумтози ӯзбек.
8. Номи усули андозааш 6/8 ва аз ҳама шӯхи дар амалия васеъ оммавӣ гардида.
9. Калимаи таронаи халқии номваре, ки аз тарафи оҳангсоз И. Икромов ба оҳанги мардумии ӯзбек гузошта шудааст.
10. Савти мумтоз.
11. Оҳанги миллӣ
12. Муаллифи Гимни давлатии Республикаи Ӯзбекистон.
13. Шоирai классикии тоҷик.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ЧОРЯКИ II

## МУСИҚИИ ЗАМОНАВӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ ОН

### *Мавзӯи 1:* МУСИҚИИ ЗАМОНАВИИ ӮЗБЕК

Мусиқии замонавии ӯзбек гуфта тамоми намудҳои мусиқиеро мефаҳмем, ки имрӯзҳо ичро мегарданд. Онҳо аз нуқтаи назари жанр рангоранг буда, аз намунаҳои оддии мусиқӣ сар карда то жанрҳои мураккабро дар бар мегиранд. Аз ин мебарояд, ки онҳо мусиқии эҷодиёти даҳонакии халқ, мақомҳо, намунаҳои мусиқии мансуб ба эҷодиёти оҳангсозии анъанавӣ, бастакории замонавианд. Дар байни мусиқии замонавии ӯзбек оҳангсозӣ васеъ инкишоф ёфта, дар байни халқ оммавӣ гардидааст. Яъне, дар опера, балет, симфония, оратория, кантата, драмаи мусиқӣ, сюита,



*Оҳангсоз ва дирижёри машҳур Мухтор Ашрафӣ.*

поэма барин жанрҳо, ки аз маданияти мусиқии ҷаҳон ҷо гирифтаанд, асарҳои бузург таълиф ёфтаанд. Дар фурсати кӯтоҳ бисёр оҳангсозон байни халқ машҳур шуданд. Дар байни онҳо Мухтор Ашрафӣ, Толибҷон Содиқов, Собир Бобоев, Сулаймон Юдаков, Мутал Бурҳонов, Рустам Абдуллоев, Мустафо Бафоев, Сайфӣ Ҷалил, Аваз Мансуров барин оҳангсозон, Алексей Козловский, Икром Акбаров, Улуғбек Мӯсоев, ки балетҳо таълиф намудаанд, муаллифони чанд симфонияву контата – Мирсодиқ Тоҷиев, Тӯлқин Қурбонов, Мирхалил Маҳмудов, Рашид Ҳамроев, Георгий Мушел, Нуриддин Ғиёсов ва дигарон, аз оратория сар карда то сурудҳои эстрадӣ, сурудҳои бачагонаро ба талабҳои замонавӣ мутобиқ карда, эҷод кардани қаламкашон – Шермат Ёрматов,



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Надим Норхӯҷаев, Алишер Расулов, Алишер Икромов, Дилором Амонуллоева, Муҳаммад Отаҷоновро номбар кардан мумкин аст.

Ҳаминро ба эътибор гирифтан лозим аст, ки мафҳуми *«мусиқии замонавӣ»* фақат ба жанрҳои мусиқии серовоза мутааллиқ буда, эҷодиёти оҳангсозии анъанавӣ ҳам мебошад, ки дар байни авлоди наврас бо роҳҳои нав ривоҷ меёбад.

*Поэма – фантазияи «Мозийдан садо»-и А. Мансуровро шунавида, филми мусиқиро тамошо кунед.*



## ӮЗБЕГИМДАН АЙЛАНАЙ

*Шеъри Дилбар Аъзамова* *Оҳанги Гулнора Қӯчқорова*






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




Қучоғингда яйраб ўсарман, юртим,
Тарихингдир буюк, эй озод халқим.
Жаҳонга юз тутдинг, мағрурсан, элим,
Ўзбегимсан, ўзлигимсан, ўзбегим!

Н а қ а р о т :

Ўзим айланай, ўзим ўргилай,
Ўзбегимсан, ўзлигимсан, ўзим айланай.
Ўзим айланай, ўзим ўргилай,
Юртбошим улуғлаган ўзбегимсан-эй!

Аждодларим руҳи бўлди мададкор,
Асрлар оша улар мангу ёр.
Тўмарис, Увайсий, Нодирабегим,
Момоларим улуғлаган ўзбегим.

Н а қ а р о т :

Юртимда баланддир менинг иқболим,
Мадҳингни куйламоқ орзу, хаёлим.
Сенга собиқ, комил эзгу тилагим,
Фарзандларинг улуғлаган ўзбегим.

**Савти зеринро бо андозаи 3/4 дирижёрӣ карда, нотаашро бо овози аниқ, равон ва соф сароед:**

**Тези миёна**





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

?!
1. Аз хусуси намудҳои мусиқии замонавӣ ҳарф занед.
2. Кадом жанр ва асар дар тамоми дунё бо як хел шавқу завқ пазируфта мешавад?
3. Кадом оҳангсозонеро медонед, ки бо рӯҳи замонавӣ асарҳо эҷод намудаанд?
4. Аз оҳангсозони бачагон киҳоро медонед, ки таронаҳои замонавӣ таълиф менамоянд?
5. Таронаро бо дӯстонатон якҷоя сароед.

## *Мавзӯи 2:* МУСИҚИИ ЗАМОНАВӢ



*Лавҳае аз фестивал.*

Маълум аст, ки баробари дараҷаи тараққиёти худ ҳар як давр ва ё замон ба дунёи маънавии худ соҳиб мегардад. Бо талаби хоси эҳтиёҷоти ҷамъият мутаносибии диди хоси ҷаҳонбинии замона ташаккул меёбад.

Ба туфайли истиқлолият фикрронии нави ташаккулёфта, муносибатҳо ва ҷаҳонбиниҳо ба ғояи миллии истиқлол асос гузоштанд, ки хоси худамон мебошад. Ва он аз баркамолии маънавии давлати ояндааш дурахшон гувоҳӣ медиҳад. Талабҳои асосии имрӯзаин фикрронии мустақил дар ҳар як соҳа, эҳёи арзишҳои миллӣ ва дар доираи андозаҳои ҷаҳонӣ фаъолиятро ба роҳ мондан аст. Ва онро мо дар бо суръати хеле баланд ривоҷ ёфтани санъатамон ва дар байни халқамон ба таври оммавӣ васеъ паҳн гардидани мусиқии такомулёфтаамон мебинем. Дар мусиқиамон шаклҳои мусиқие, ки решаи он аз рӯҳи замонавии шаклҳои мусиқии умумибашарӣ об мехӯрад, инкишоф ёфта, ба назар чунин мерасад, ки баъзе шаклҳои замонавиамон ҳолати аслии худро чун хоси замони имрӯза нигоҳ дошта, бо жанрҳои нави дунёвӣ ғанӣ мегардад.

*Суруди «Мустақиллик болаларимиз»-ро шунавед, ки оҳанги Р.Абдуллоев, шеъри Н.Нарзуллоев мебошад.*

*«Ӯзбегимдан айланай». Шеъри Д. Аъзамова, мусиқии Г. Қӯчқорова*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




соф интерваллар 1, 4, 5, 8. сифат интерваллар 2, 3, 6, 7.

?!

1. Дар бораи намудҳои мусиқии замонавӣ нақл кунед.
2. Муаллифони суруди «Мустақиллик болаларимиз» киҳоянд? Боз кадом асарҳои онҳоро медонед?
3. Суруди «Ӯзбегимдан айланай» ба кадом созу мақом таълиф ёфтааст?
4. Таронаи «Ӯзбегимдан айланай»-ро ҷоннок, бо талаффузи саҳеҳ сароед.

## *Мавзӯъҳои 3–4:* МУСИҚИИ МАРДУМӢ ВА САНЪАТИ ДОСТОНСАРОӢ

Мусиқии фолклор (эҷодиёти даҳонакии халқ)-ро намуди савтҳои урфу одатҳои миллӣ, маросимҳоямон гӯем ҳам, мешавад. Намунаҳои мазкур бо ҳаёти рӯзмарра, машғулиятҳо ва арзишҳои миллӣ узван пайваст мебошанд. Бо мақсади нигоҳ доштан ва барои авлоди оянда бе каму кост расонда додан ташкил намудани ансамблҳои махсуси фолклорӣ ба роҳ монда шуд. (Соли 1978 бори аввал дар ноҳияи Бӯстонлиқи вилояти Тошканд ансамбли «Гулёр» ташкил ёфтааст. Ҳоли ҳозир бошад, дар тамоми вилоятҳоямон ин қабил ансамблҳо ташкил гардида, фаъолият нишон медиҳанд).

Дар байни намунаҳои фолклор, ки аз таркиби мероси мусиқиамон ҷо гирифтаанд, сурудҳои маросимӣ аҳамияти алоҳида касб менамоянд, ки асоси урфу одатҳои халқи ӯзбек мебошад. Одатан, онҳо аз рӯйи хусусиятҳояшон ба навъҳои зерин тақсим мегарданд:

а) фолклори бачагон: «Бойчечак», «Оқтеракми, кӯктерак», «Чаманда гул» барин таронаҳо васеъ паҳн гардидаанд;

б) таронаҳое, ки вобаста ба меҳнатанд: «Майда-майда», «Ёзи», «Хӯш-хӯш», «Чархим» баринҳо;



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

в) вобаста ба тӯю маросимҳо: «Ёр-ёр», «Келинсалом», «Тӯйлар муборак»;

г) таронаҳои динӣ: «Садр», «Зикр», «Марсия» баринҳо;

д) сурудҳои афсунгарӣ барои борондани борон: «Суст хотин» ва сурудҳое, ки ҳангоми гирифтани Моҳу Офтоб иҷро гардидаанд.

Баробари ин алла, лапар, терма, намунаҳои мусиқии жанри тарона ҳам жанрҳои асосии мусиқии фолклори ӯзбек ба ҳисоб мераванд. Санъати достонсароии ӯзбек ба қатори жанрҳои бузург дохил гардида, композитсияи адабӣ-мусиқӣ буда, дар худ хусусиятҳои насрӣ, шеърӣ ва мусиқиро таҷассум гардондааст.



*Ансамбли фолклории бачагона.*

Дар эҷодиёти халқ достонҳои таърихӣ, қаҳрамонӣ, баҳодурӣ ва лирикӣ мавҷуданд:

1) Достонҳои баҳодурӣ – ба он достони «Алпомиш» мисоли равшан аст, ки асоси онро ҳаёти қаҳрамонҳое ташкил медиҳад, ки аз байни халқ баромадаанд ва бо баҳодурӣ номдор гаштаанд;

2) Ба достонҳои қаҳрамонӣ – достонҳои «Юсуф ва Аҳмад», «Алибек ва Болибек», «Соҳибқирон»-ро мисол карда нишон додан мумкин аст;



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

3) Дар байни достонҳои таърихӣ асарҳое, аз қабили «Искандарнома», «Шайбонихон», «Кунботир ва Ойсулув» дар байни халқ васеъ паҳн гардидаанд;

4) Достонҳои дорои характери лирикӣ-романтикӣ: «Ошиқ Ғариб ва Шоҳсанам», «Равшан ва Зулайҳо», «Рустам», «Гӯрӯғли», «Балогардон», «Бӯтакӯз» барин асарҳо.

Ба жанри достон як қатор шоирони мумтоз муроҷиат намудаанд. Аз ҷумлаи онҳо «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ, «Ҳафт авранг»-и Абдураҳмони Ҷомӣ, «Хамса»-и Алишери Навоӣ ва ғайриҳо мебошанд. Дар санъати мусиқии ӯзбек ду усули иҷрогарии достон мавҷуд аст: достонсароии Хоразм ва услуби иҷрогарии Сурхондарё-Қашқадарё. Дар достонсароии Хоразм қисми маълуми як достон бо сухан ифода гардида, қисми маълуми дигараш дар намуди тарона ба (оҳанг) даровarда, хонда мешавад. Ҳангоми иҷрои он достонсароён аз тор, гармон, дутор, доира, созҳои буламон истифода мебаранд. Дар айни замон эҷод ва услуби эҷоди Қурбонназар Абдуллоев васеъ оммавӣ гардидааст, ки бо тахаллуси Болабахшӣ машҳур мебошад. Достонсароии воҳаи Сурхондарё ба услуби қадимӣ такя намуда, бо ҷӯршавии думбура иҷро мегардад.

*Дар иҷрои ансамбли фолклорӣ оҳангро шунавед.*






**ӮЗБЕКИСТОН – ЖАННАТ**

*Шеъри Дилшод Раҷаб* *Мусиқии Хуршеда Ҳасанова*

**Бо суръати миёна**






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




Сиғмаса ҳам ӯзи дӯстга
Чойи бор унинг
Йӯловчига бир пиёла
Чойи бор унинг.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Н а қ о р а т:

Дӯпписини кӯкка отиб,
Шодланса арзир.
Ӯзбекистон деган жаннат
Жойи бор унинг.
Ӯзбекистон жаннат, Ӯзбекистон жаннат.
Ӯзбекистон деган жаннат жойи бор унинг.

Ӯғил-қизи ёруғ юлдуз,
Ойи бор унинг.
Ӯчмас изи босадиган
Тӯйи бор унинг.

Н а қ о р а т:



**Нуримова Лазокат Мирсалим қизи** дар республикаамон аз аввалинҳо шуда дастаи ҳунарии фолклориву этнографиро ташкил кардааст. Иҷрогари моҳири лапару бадеҳаҳои мардумӣ, роҳбар ва устоди ташкилотчӣ. Соли 1923 дар шаҳри Ғазалкенти ноҳияи Бӯстонлиқ таваллуд ёфтааст. Беш аз 200 суруд ва термаҳоро иҷро кардааст.

**Мусиқии мардумӣ.** Мусиқии мардумии ӯзбек дар асоси Хусусиятҳои иҷрогарии худ ба ду гурӯҳ тақсим мегардад: вобаста ба воқеият, яъне сурудҳое, ки дар вақти муайян иҷро мегарданд; Мувофиқи вазъият ва дар ҳолати озод иҷро гардидани сурудҳо. Ба гурӯҳи якум: маросимӣ – «Ёр – ёр», «Келин салом» (тӯй), «Гиря», «Садр» (динӣ), «Майда», «Ёзи» (меҳнат), «Хӯш – хӯш», «Чирой – чирой» (чорводорӣ), «Алла» ва ҳоказо.

Ба гурӯҳи дуюм: асарҳое, ки дар ҳолати озод иҷро мегарданд. Ин намунаҳо одатан дар асоси жанрҳои суруд, терма, ялла, лапар ва тарона офарида мешаванд. Онҳо жанрҳои асосии мусиқии мардумӣ ба ҳисоб мераванд.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

?!
1. Дар бораи мусиқии фолклорӣ чиҳо медонед.
2. Дар бораи санъати достонсароии ӯзбек ва услубҳои ичрогарии он нақл кунед.
3. Муаллифони таронаи «Ӯзбекистон – жаннат» кистанд?
4. Суруди «Ӯзбекистон – жаннат»-ро якҷоя сароед.

## *Мавзӯ 5:* МУСИҚИИ ЭСТРАДӢ. Б.ЗОКИРОВ ВА ГУРӮҲИ «ЯЛЛА»



*Ҳунарманди мардумии Ӯзбекистон Ғуломҷон Ёқубов.*

Калимаи эстрада дар забони лотинӣ маънои «баландӣ» (содда карда гӯем, суфа)-ро мефаҳмонад. Дар солҳои 50-уми садаи гузашта калимаи эстрада ба муомилот даромад ва ба сифати шакли хурди санъати тамошо истифода гардид. Мусиқии эстрадӣ як қисми аз ҳама пешбари санъати эстрадиро ташкил медиҳад. Эстрада хоси характери сабуки маишӣ, оммабоб буда, решаҳои таърихи он аз шаклҳои театр-тамошоҳои мардуми Ғарб об мехӯрад. Он дар зери таъсири маданияти дар Ғарб оммавигардидаи кафешактан, музикхолл ривоҷ ёфт ва оҳиста-оҳиста ҷаз, гармония ва ритмикаи Аврупо ва Шарқ, рок, поп барин мусиқиҳо, самтҳо эстрадаро ишғол намуданд. Дар Ӯзбекистон мусиқии эстрадӣ солҳои 50-уми садаи XX инкишоф ёфт. Ба он ситораи номдори эстрада Ботир Зокиров асос гузошт.



*Ҳунарманди мардумии Ӯзбекистон Насиба Абдуллоева.*

Баъди он мусиқии эстрадӣ ба зудӣ оммавӣ гардид ва ривоҷу равнақ ёфт. «Ялла», «Пахтаой», «Наво», «Садо» барин гурӯҳҳои эстрадӣ ташкил ёфтанд. Алалхусус, солҳои 80-90-ум гурӯҳҳои рок, реп созмон ёфтанд, ки хоси андозаҳои ҷаҳонӣ буданд. Эстрадаи ӯзбек равнақи



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

бемисли худро пайдо намуд. Рушди санъати эстрадии тоҷик ҳам ба солҳои 50-уми садаи гузашта рост меояд. Мусиқии эстрадӣ солҳои истиқлол аз ҷиҳати сифат хеле афзоиш ёфт. Фароҳам овардани имкониятҳои калон ба ҷавонон ба самаранокии бузург асос гузошт Насиба Абдуллоева, Кумуш Раззоқова, Равшан Комилов, Озод Назарбеков, Гулсанам Мамазоитова, Севара Назархон барин намояндагон ташаккул ёфтанд. Эҷодиёти онҳо бо мувофиқати худ ба мафҳуми мусиқии эстрадаи миллӣ дар байни ҷавонон оммавӣ гардид. Дар эстрадаи миллии ӯзбек анъанаҳои хоси мусиқӣ, адабӣ, миллии ахлоқӣ аҳамияти ниҳоят муҳим касб менамояд.

**Ботир Зокиров**. Асосгузори мусиқии эстрадии ӯзбек, намояндаи бузурги санъати эстрадаи миллии ӯзбек, шоир, мусаввир, драманавис ва коргардони (режиссёри) аҷиб, сарояндаи моҳир Ботир Зокиров дар Тошканд дар оилаи устоди санъаткор Карим Зокиров дида ба дунё кушодааст. Вай ба касби худ моҳир буд, мунтазам корҳои ҷустуҷӯйиро оид ба ривоҷи санъати эстрадаи миллии ӯзбек ба иҷро расонд. Дар ҷараёни меҳнат ба ҳам наздик будани таронаҳои миллии ӯзбекро ба сурудҳои эстрадии рус, хориҷӣ ва Шарқ омехта карда, барои дарёфти қиёфаи нав муваффақ гардид. Корҳои эҷодии ба амал баровардаи ӯ минбаъд ба андозаи мумтози эстрадаи ӯзбек мубаддал ёфт. Масалан, «Тангои араб», «Ҳабиба», «Қочоқ қиз» ва ғайраҳо. Б.Зокиров тавассути ана ҳамин сурудҳо Ӯзбекистонро ба саросари дунё шинос кард. Махсусан, бо таронаҳояш, аз қабили «Раъно», «Мафтун бӯлдим» дар эстрадаи ӯзбек нақши фаромӯшнопазире боқӣ гузошт.



*Сарояндаи эстрада Ботир Зокиров.*

**ГУРӮҲИ «ЯЛЛА»**. Гурӯҳи «Ялла», ки фахру ғурури мусиқии эстрадии ӯзбек ба ҳисоб меравад, соли 1971 ташкил ёфтааст. Иштирокчиёни он аз ҷумлаи муҳассилини Донишкадаи театрӣ ва мусаввирии Тошканд ва консерватория буда, шогирдони Б.Зокиров ба ҳисоб мерафтанд. Гурӯҳи «Ялла» дар айёми худ дар шакли АСО



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Ансамбли созиву овозии «Ялла»

(Ансамбли созиву овозӣ) фаъолият пеш бурда, дар Ӯзбекистон аввалин шуда аз қатори гурӯҳҳои эстрада-рок ҷо пайдо кард. Ба он дар давоми чандин сол Фаррух Зокиров роҳбарӣ карда меояд. Вай «Ялла»-ро ба дараҷаи касбӣ баровард. Сурудҳои иҷронамудаи ансамбл, аз қабили «Учқудуқ», «Чойхона», «Маҳбубам чиройли», «Яллама ёрим», «Ғайра-ғайра», «Қилпиллама» аз хазинаи мусиқии ӯзбек ҷойи муносиб пайдо кардаанд.

*Таронаи «Раъно»-ро ва «Тангои арабӣ» дар иҷрои Ботир Зокиров шунавед, ки оҳанги И.Акбаров, шеъри С.Акбарӣ мебошад. Дар иҷрои гурӯҳи овозиву созии «Ялла» сурудҳои, «Шаҳрисабз», «Тошкентим», «Чойхона»-ро шунавед.*

## ӮЗБЕКИСТОН – БАҲОРИ АБАДӢ

*Шеъри Рауф Толиб* *Мусиқии Надим Норхӯҷаев*

**Тез миёна**






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




Товланди минг рангда
Боғ-бўстон.
Деҳқон ёзган қуёшдай
Дастурхон.
Сенда қанча ранг, жило,
Диёрим.
Ўзбекистон – абадий
Баҳорим.

Н а қ о р а т:

Кўнгилларда минг-ҳис туйғу,
Минг-ҳис туйғу кечади.
Орзу қушдай талпинади,
Талпинади, учади.

**Фарққунии жанрҳои эстрада.**

Жанрҳо ва намудҳои санъати эстрадӣ бисёранд. Равияи асосиаш дуто, яъне сурудхонии эстрада ва иҷрогарии созӣ. Аммо дар байни халқ услуби васеъ паҳнгардида рок, поп, ҷаз номбар мешаванд. Ҳар як жанр дорои шакл, хусусият ва услуби иҷро мебошад. Рок – роҳи мураккаб, душвор аст. Поп – жанри оммавӣ буда, шаклҳояш бисёранд. Дар байни халқ аксарият оҳанг ва сурудҳое, ки мо ҳар рӯз мешунавем, ба ана ҳамин жанр дахлдоранд. Дарвоқеъ ин жанр ҳам якчанд равия дорад. Реп – дар байни ҷавониион оммавӣ гардидааст. Он жанрест, ки дар асоси усули ритмӣ гуфтани сухан асоснок карда шудааст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

?!
1. Маънои калимаи эстрадаро медонед?
2. Мусиқии эстрадӣ дар Ӯзбекистон кай ташаккул ёфтааст?
3. Шумо кадом гурӯҳҳои (дастаҳои) эстрадиро медонед?
4. Дар хусуси намояндаи бузурги санъати эстрадии ӯзбек Ботир Зокиров ҳарф занед.
5. Суруди «Ӯзбекистон – абадий баҳорим»-ро сароед ва аз ёд кунед.
6. Дар бораи дастаи (гурӯҳи) «Ялла» чиҳоро медонед?

## *Мавзӯи 6:* ГУЗАРОНДАНИ ОЗМУН-АЗНАЗАРГУЗАРОНӢ ВА ҶАШНВОРАҲО ОИД БА САНЪАТИ МУСИҚӢ

Дар бобати боз ҳам инкишоф ёфтани мусиқии миллӣ дар республика гузарондани озмун-азназаргузаронӣ, ҳамчунин дар доираи ҷаҳон ба амал омадани ҷашнвораҳо (фестивалҳо) ҳоли ҳозир шакли анъанавӣ пайдо менамояд.

Дар айни замон бахшида ба эҷодиёти ҳофизон озмунҳо ва анҷуманҳои эҷодӣ гузаронда мешаванд, ки ба ҷумлаи онҳо Мулло Тӯйчӣ Тошмуҳаммедов, Домла Ҳалим Ибодов, Хоҷӣ Абдулазиз Абдурасулов, Ҷӯрахон Султонов, Маъмурҷон Узоқов, Комилҷон Отаниёзов, Юнус Раҷабиро дохил кардан мумкин аст.

Баҳси достонсароии бахшиён, озмун-азназаргузаронии ансамблҳои фолклорӣ ҳам анъанавӣ мегарданд.

Бахшида ба мусиқии мумтоз дар шаҳри Самарқанд фестивали ҷаҳонии «Шарқ тароналари» гузаронда мешавад ва он дар рушди мусиқии миллӣ аҳамияти калон дорад.

*Аз барномаҳо доир ба ҷашнвораҳо ва азназаргузарониҳо филмҳоро тамошо кунед (Масалан, ҷашнвораи «Таронаҳои Шарқ» ва ғайра).*

*«Ӯзбекистон – абадий баҳорим  шеъри Р.Толиб, мусиқии Н.Норхӯҷаев.*

**Ба савти зерин дириҷёрӣ карда, нотаашро бо овози аниқ, равон ва соф сароед:**

**Серҳаракат**





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



?!

1. Кадом оҳангсозонеро медонед, ки эҷодкорони асарҳои замонавианд?
2. Аз хусуси санъати мусиқии замонавӣ ва ривоҷи он нақл кунед.
3. Дар боби мусиқии замонавии ӯзбек чиро медонед?
4. Ҷиҳатҳои ба худ хоси мусиқии фолклорӣ кадомҳоянд?
5. Асосгузори мусиқии эстрадии ӯзбек кист ва кадом сурудҳои ӯро медонед?
6. Дар бораи гурӯҳи «Ялла» нақл кунед.
7. Кадом ҳунармандони соҳаи эстрадаро медонед, ки айни замон фаъолият пеш мебаранд?

## КОРИ НАЗОРАТӢ

**1. Мусиқии замонавии ӯзбек чист?**

А) Мусиқии мардумӣ, яллаҳо; Б) Эҷоди бахшиён;
В) Намудҳои мусиқии замонавӣ, ки ҳоли ҳозир иҷро мегарданд.

**2. Мусиқии мардумӣ (фолклорӣ) чист?**

А) Намунаҳои эҷодиёте, ки оҳангсозон офаридаанд;
Б) Таронаҳои калон, мумтоз;
В) Мусиқии халқии ба урфу одатҳо вобаста.

**3. Ба мусиқии мардумӣ кадом намунаҳои жанрҳо дохил мешаванд?**

А) Аллаҳо, лапарҳо, термаҳо, сурудҳо; Б) Оҳанги сурудҳои самти эстрада; В) Таронаҳои калон, намунаҳои мусиқии мумтоз.

**4. Калимаи эстрада чӣ маъно дорад?**

А) Театр; Б) Тахтасуфа; В) Сурурд.

**5. Асосгузори мусиқии эстрадӣ дар Ӯзбекистон кист?**

А) Надим Норхӯчаев; Б) Ботир Зокиров; В) Шермат Ёрматов.

**6. Гурӯҳи «Ялла» кай ташкил ёфтааст?**

А) Соли 1971; Б) Соли 1970; В) Соли 1974.

**7. Кадоме аз сурудҳои поёниро гурӯҳи «Ялла» иҷро кардааст?**

А) «Чойхона», «Маҷнунтол»; Б) «Раъно», «Тангои араб», «Мафтунингман»; В) “«Ӯзбекистон – ҷаннат», «Раъно», «Шаҳрисабз».



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**8. Кадоме аз сурудҳои поёнӣ дар мусиқии мардумӣ ба меҳнат вобастагӣ дорад?**

А) «Чархим»; Б) «Ёр-ёр»; В) «Оқ теракми, кӯк терак».

**9. Кадоме аз сурудҳои мардумии бачагонаро медонед?**

А) «Бойчечак», «Чаманда гул», «Оқ теракми, кӯк терак»;
Б) «Майда-майда», «Хӯш-хӯш», «Чархим»; В) «Ёр-ёр», «Келин салом».

**10. Суруди мардумии вобастаи меҳнат дар кадом қатор дуруст нишон дода шудааст?**

А) «Бойчечак», «Чаманда гул»; Б) «Келин салом», «Тӯйлар муборак»;
В) «Майда-майда», «Хӯш-хӯш», «Чархим».

## ҲАРФҶАДВАЛ




1. Асари бузурги санъатӣ.
2. Суруди гурӯҳи «Ялла».
3. Суруди номдори эстрадие, ки Б.Зокиров иҷро намудааст.
4. Суруди гурӯҳи «Ялла».
5. Созе, ки дар достонсароии Хоразм васеъ истифода мегардад.
6. Эҷодии мусиқии халқӣ чӣ ном бурда мешавад.
7. Эҷодкори мусиқии ӯзбек (оҳангсоз) чӣ тавр номгузорӣ мешавад.
8. Самти мусиқии замонавӣ, ки дар байни ҷавонон васеъ оммавӣ гардидааст.
9. Эҷодкори мусиқии замонавӣ.
10. Оҳангсози ӯзбек.
11. Жанри калони мусиқӣ.
12. Сози дутораи мардумии ӯзбек 13. Забони сохти мусиқӣ
14. Ансамбли овозии ӯзбек, ки соли 1971 ба фаъолият шурӯъ намудааст.
15. Анҷумане, ки дӯстии халқҳоро мадҳ мекунад.
16. Шахсе, ки оркестрро идора менамояд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ЧОРЯКИ III

## МУСИҚИИ МУМТОЗИ ХАЛҚҲОИ ШАРҚ

### *Мавзӯи 1:* ТАРОНАҲОИ ШАРҚ

Мусиқии мумтози халқҳои Шарқ аз қадим бо якдигар узван пайваста инкишоф ёфтааст. Алалхусус, мусиқии мумтози Шарқ тавассути жанри «мақом» узван ба ҳам пайваст гардидааст. Дар ладҳо, усулҳо, нола ва нақшҳое, ки ба мусиқии халқҳои Шарқи Миёна ва Наздик хосанд, бисёр умумиятҳо мавҷуданд.

Моҳияти ҷашнвораҳои мусиқии байналхалқӣ, ки дар Самарқанд ба таври анъанавӣ таҳти унвони «Таронаҳои Шарқ» гузаронда мешаванд, тавассути мусиқии мумтози Шарқ ба аз нав барқарор намудани риштаҳои маънавии байни миллатҳо ва ба онҳо мазмуни замонавӣ додан бахшида шудааст.

Ҷашнвораи мазкур аз ҷониби ЮНЕСКО ва Шӯрои байналхалқӣ оид ба мусиқӣ тасдиқ гардидааст ва дар он халқҳои ӯзбек, тоҷик, туркман, қирғиз, қазоқ, озар, афғон, форс, турк, араб, хитой, япон ва дигар миллатҳо санъати худ ва ҳамчунин мусиқии мумтози хешро намоиш медиҳанд.

*Гимни фестивали (ҷашнвораи) «Таронаи Шарқ»-ро шунавед, ки оҳанги онро Д.Амонуллоева аз рӯи шеъри Усмон Азим таҳия намудааст.*

### ТАРОНАИ ШАРҚ

*(Бо забони ӯзбекӣ. Гимни ҷашнвора)*

*Шеъри Усмон Азим* *Оҳанги Дилором Амонуллоева*






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




Дунёнинг кўнглига сен бердинг ҳаёт,
Руҳингдан, она-Шарқ, яралди баёт,
Куйламоқ шавқида моҳир ўзингсан,
Ҳофиз ўзингдирсан, шоир ўзингсан.

Н а қ а р о т :

Салом, Самарқанд – Шарқ дарвозаси,
Тарал жаҳонга – Шарқ таронаси!

Жўр бўлгин инсонга мусиқа – қанот,
Қўшиқдан кўнгиллар бўлғуси бунёд.
Қўшиқда ўртанган тилаксан, о Шарқ!
Жумлаи жаҳонга юраксан, о Шарқ!

Н а қ а р о т :

**Ба оҳанги мазкур дирижёрӣ карда, нотаҳоро бо овози аниқ, равон ва соф саройед**



?!
1. Аз хусуси ҷашнвораи «Таронаҳои Шарқ» нақл намоед.
2. Дар бораи вазифа ва моҳияти «Таронаҳои Шарқ» нақл кунед.
3. Дар ҷашнвораи «Таронаҳои Шарқ» мусиқорони кадом миллат санъати худро намоиш медиҳанд?
4. Оид ба ин мавзӯъ саволҳои тестиро таҳия созед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## *Мавзӯи 2:* МУСИҚИИ МУМТОЗИ ХАЛҚҲОИ ТУРК ВА ОЗАР

Мусиқии турк аз бисёр ҷиҳат ба мусиқии халқҳои Осиёи Марказӣ, аз он ҷумла халқи ӯзбек монандӣ дорад. Жанри асосии касбии мусиқии турк «мақом» номида мешавад ва он аз қисмҳои зерини таркибӣ иборат мебошад: – тақсим, кор, баста, самовии вазнин, шарқиён, самовии авлодӣ, самовии созӣ. Барои иҷрои мақомҳои турк зурна, садопарда, соз, камонча, танбӯр, танбӯри калон, созҳои миллӣ истифода мегарданд. Дар туркҳо жанрҳои маросими динӣ азон, тавҷид, бозии мавлавӣ, зикр ва ғайра васеъ истифода мегарданд.

Мусиқии эстрадии замонавии турк бо таронаҳои миллӣ, хоси шарқона будани худ дар саросари ҷаҳон машҳур мебошад.



**Зурна**



**Дафф**



**Соз**



**Дарабука**

Озарбойҷон ба авлоди халқҳои туркизабон мансуб буда, ба гузаштаи дур ва арзишҳои миллии худ соҳиб аст. Дар замири ҳаёти иҷтимоии халқи озар мероси мадание ҷамъ гардидааст, ки аз жанрҳо ғанист. Онҳо асосан аз таронаҳои тарзи ҳаёт иборатанд.

Таснифҳо, ки услуби бисёр иҷро намудани сурудҳои низомии халқи озар мебошад, муқомҳо, ки услуби хоси таааллуқи жанри калони мумтоз аст, ба асоси иҷрои озод такя менамоянд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Халқи озар аз асбобҳои мусиқӣ ҳам ғанист. Дар байни халқ тутек, тулуп-зурна, балабон, дудук, кемонча, соз, тор, дафф, габал, нағора, баланағора ё худ думбул барин асбобҳои мусиқии миллӣ васеъ оммавӣ гардидааст.

*Оҳангҳои мардумии халқҳои турк ва озарро шунавед.*

*Гимни ҷашнвораи «Шарқ тароналари». Шеъри У.Азим, мусиқии Д.Амонуллоева.*

**Оҳанги додашударо бо овози аниқ, равон ва соф сароед.**

## ГИЗИЛ ГУЛ

*(Бо забони озарӣ. Оҳанги мардумии Озарбойҷон)*

**Тези миёна**



?! 1. Дар бораи мусиқии халқи турк чиҳоро медонед?
2. Дар бораи мусиқии халқи озар, ҳамчунин созҳои он чӣ?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МУСИҚИИ МУМТОЗИ ХАЛҚҲОИ ТОҶИК ВА ТУРКМАН

Мероси мусиқии халқи тоҷик хеле бою ғанист ва таърихи ниҳоят қадим дорад. Ин мероси маънавии нодир дар шаклу намудҳои мухталиф мавҷуд аст.



*Ансамбли туркман.*

Мусиқии халқӣ осори гуногуни мусиқиест, ки аз тарафи намояндагони халқ эҷод шуда, ҳамранги эҷодиёти даҳонакии халқ ривоҷ меёбад. Мусиқии халқи тоҷикро аз лиҳози тафаккури мусиқӣ метавон ба се сабк (услуб) тақсим кард: сабки ноҳияҳои шимолӣ (вилояти Суғд), сабки марказӣ ё кӯҳистонӣ (Ҳисор, Кӯлоб, Ғарм) ва сабки бадахшонӣ.

Мусиқии халқӣ дорои жанрҳои гуногун мебошад: ҳамосавӣ (эпик), меҳнатӣ, маросимию мавсимӣ, лирикӣ, созӣ ва ғ. Заминаи оҳангии сурудҳои халқии тоҷикӣ ҳудудеро аз терсия то октава дар бар мегирад ва зарбу усулаш ғанӣ ва гуногунранг мебошад.

Доираи сурудҳои маросимию мавсимӣ низ васеъ аст. Таронаҳои тақвимӣ ҳамвора бо истиқболу тадоруки ин ё он сана иҷро мешаванд. Масалан, оиди истиқболи баҳор «Гулгардонӣ», «Бойчечак», «Сайри гули лола». Сурудҳои маросимии тӯй шартан ба се намуд тақсим мешаванд: якум – суруди «Мӯйсаргирон» ё «Сартарошон», дуюм – суруди «Домодбиёрон» ё «Келинбиёрон» (шаклҳои гуногуни «Ёр-ёр» дар кӯҳистон – «Шаҳ омад» ва ғ.), сеюм – сурудҳои базмӣ.

Сурудҳои маросими мотам бо унвони «Садр», дар Бадахшон – «Фалак», «Гиря», «Марсия» маълуманд.

Сурудҳои «Майда», «Ман доғ», инчунин суруди чӯпонон, суруди ҳунармандон-«таронаи бофандагӣ» ва ғайра ба мавзӯи меҳнату зиндагии мардум иртибот дорад. Сурудҳои лирикӣ оҳанги равону мавзун дошта, дар онҳо авҷ бисёр истифода мешавад. Дар байни сурудҳои лирикӣ сурудҳои замон, аз он ҷумла «Алла» (дар Бадахшон «Лалайик»), рубоихонӣ (дар ноҳияҳои Кӯлобу



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Қаротегин, Мастчоҳ) ва ғайра маълуманд. Лапарҳо низ бо ракс иҷро мешаванд.

Анвои созҳои тоҷикӣ гуногун ва дорои зарбу усули хос аст. Аз ҷумлаи онҳо танбӯр, дутор, думбура, рубоб, ғижжак, карнай, сурнай, доира, таблак, най, қӯшнай, дар Бадахшон баландзиком, баландмақом, рубоби бадахшонӣ, сетор, панҷтор, даф, тутик.

Намунаи касбии мусиқии халқи тоҷик «Шашмақом» буда, дар таркиби худ аз 250 то 300 оҳанг ва суруди шаклан бузургро муҷассам гардондааст. Ба ҷуз ин дар фарҳанги мусиқии халқи тоҷик мусиқии ракс, мусиқии соз, симфония, опера, мусиқии театрӣ, мусиқии ҳарбӣ ва балет барин жанрҳо ҳастанд.

Мусиқии замонавии халқи тоҷикро бидуни номҳои ҳунарпешагони мардумӣ Боймуҳаммад Ниёзов, Ҷӯрабек Муродов, Ҷӯрабек Набиев, Барно Исҳоқова, Маъруфхӯҷа Баҳодуров ва ғайра тасаввур кардан душвор аст. Алҳол як зумра ҳунарварони ҷавон ба эҷод шурӯъ намуда, бо истеъдод, маҳорати баланди худ дили ҳазорон ҳаводорони созу сурудро забт мекунанд. Алалхусус дар солҳои истиқлолияти Тоҷикистон теъдоди онҳо хеле зиёд гардида, дар жанрҳои мухталиф эҷод менамоянд ва ба тамаддуни ҷаҳонӣ саҳмгузоранд.

Туркманистон дар байни халқҳои Осиёи Миёна давлатест, ки решаҳои он аз таърихи қадима об мехӯрад. Мутаносибан бо гузаштаи дураш арзишҳои бой ва анъанаҳои миллиаш ташаккул ёфтаанд. Боз як аҳамияти оламшумули Туркманистон дар аз худуди он убур кардани «Роҳи бузурги абрешим» аст ва шаҳри Марв, ки яке аз масканҳои қадими илм мебошад, дар худуди ҳамин давлат ҷойгир шудааст.

Чун тамоми халқҳо туркманҳо ҳам соҳиби мусиқии мардумӣ буда, ба роҳҳои содда ва мумтози худ моликанд. Дар мусиқии халқи туркман, асосан намунаҳои меҳнат, маросимҳо, маишӣ, эпикӣ ва мумтоз акси худро пайдо намудаанд. Намунаҳои мусиқие, ки дар байни халқ оммавӣ гардидаанд, «Ҳувди» (алла), «Ягиш ягара келди» (суруди бачагон), «Ёр-ёр» барин як қатор асарҳоро ба тариқи мисол ба забон гирифтан мумкин.

Жанрҳои асосии мусиқии мумтози туркман: достонҳо, асарҳоеанд, ки асосашонро намунаҳои адабиёти бадеӣ ташкил



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

медиҳад. Ҷиҳати ба худ хоси тарона ва достонсаройии мардумии туркман дар ҳамин аст, ки онҳо бештар дикламатсионӣ, яъне бо характери нақл кардан иҷро мегарданд. Халқи туркман иҷрогарони жанри эпикиро «бахшӣ» меномад. Достони аз ҳама қадимии туркманҳо «Ӯғизнома» мебошад. Ба ҷуз ин аз мероси онҳо достонҳо, аз қабили «Гӯрӯғли», «Ошиқ Ғариб ва Шоҳсанам», «Асл ва Карим» ҳам ҷо пайдо намудаанд.

Асбобҳои асосии мусиқии туркман: ғиҷҷак, дутор, туйдук, туйдуки дилдор ва қобуз ба ҳисоб меравад.

**Ба оҳанги поёнӣ дириҷёрӣ карда мувофиқи нота сароед:**

**ЗОҲРЕ ҶАН**

*Оҳанги мардумии туркман*




?! 1. Дар барои мусиқии халқи туркман нақл кунед.
2. Кадом сози мусиқии халқи туркманро медонед?

### *Мавзӯи 4:* МУСИҚИИ МУМТОЗИ ХАЛҚҲОИ ЭРОН ВА АРАБ

Решаҳои таърихи мусиқии Эрон бо саҳифаҳои мозии маданияти халқҳои тоҷик, ӯзбек ва туркман узван вобаста мебошад.

Пири мусиқии тоҷик ва ӯзбек Борбади Марвазӣ (садаи VII) асосгузори мусиқии Эрон ба ҳисоб меравад. Мероси бузурге, ки дар соҳаи мусиқӣ аҷдоди бузургамон Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Абӯнаср ал-Форобӣ, Ибни Сино ва дигар мутафаккирон боқӣ гузоштаанд,



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

дар Эрон низ ба сифати арзиши миллӣ-маънавӣ эъзоз пайдо намудааст. Жанри асосии мусиқии касбии Эрон ба мақомҳои халқҳои ӯзбеку тоҷик монанд буда, онро «дастгоҳ» меноманд.

Дар Эрон 7 силсилаи дастгоҳ мавҷуд аст: Шур, Моҳур, Ҳумоюн, Сегоҳ, Чоргоҳ, Наво, Рост-Панҷгоҳ.

Ҳар як дастгоҳ дар навбати худ ба қисмҳои таркибии Муқаддима, Даромад, Карашма, Гӯша, Овоз, Чаҳор Мизроб, Баёти Турк, Абӯато тақсим мегардад.

Дар Эрон соз, танбӯр, сантур, най, сурнай, уд, доира, чанг барин асбобҳои мусиқӣ васеъ истифода бурда мешавад.



**Литавра**



**Дудук, зурна**



**Тор**



*Ансамбли созии эронӣ*

**Мусиқии мумтози халқҳои араб.** Халқҳои араб соҳиби анъанаҳои мусиқии кӯҳану бой мебошанд. Дар ин минтақа баъзе жанрҳо, аз қабили самонӣ, тақасим, башраф, муваншоҳ, маввал, дар, куба, маъруф барин жанрҳои гӯиш ҳамчунин, асбобҳои мусиқӣ, аз қабили



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Хонандаи араб Умму Кулсум.*

тахлима, самонӣ, тақасим, башраф васеъ паҳн гардидаанд, ки бо ҷозибадорӣ ва таровати ба худ хосашон фарқ мекунанд. Сози уд, ки дар қадим аслан дар Осиёи Марказӣ ихтироъ гардидааст, асбоби мусиқии миллии тамоми халқҳои араб ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин асбобҳои мусиқии нафасӣ – най, сурнай, арғул; асбобҳои мусиқии тордор-қонун, сантур, рубоб, танбӯр; асбобҳои мусиқии зарбӣ – нағора, дафф, табла дар арабҳо васеъ паҳн гардидааст. Жанрҳои маросимҳои динӣ – таронаҳои тавҳид, мадҳ, зикр, рамазон дар мусиқии араб аз азал ташаккул ёфтааст. Номҳои намояндаи номдори мусиқии араб Умму Кулсум ва Сайид Дарвеш дар саросари ҷаҳон машҳуранд.

*Намунаеро аз мусиқии халқи Эрон шунавед.*



*Оҳанги мардумии туркман «Гушлар».*

**Ба савти мардумии «Диғаҷон» дирижёрӣ карда, нотаашро бо овози аниқ, равон ва соф сароед:**

**ДИҒАҶОН**

**Тантанавор** *Оҳанги мардумӣ*





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

?!
1. Аз хусуси пири мусиқии Эрон Борбади Марвазӣ чиҳо медонед?
2. Аз хусуси силсилаи дастгоҳ ва асбобҳои мусиқии миллии Эрон нақл кунед.
3. Аз хусуси мусиқӣ ва созҳои мусиқии миллии халқҳои араб маълумот диҳед.

## *Мавзӯи 5:* МУСИҚИИ МУМТОЗИ ХАЛҚИ ЧИН ВА УЙҒУР

Хитой (Чин) мамлакати қадима буда, соҳиби анъанаҳои бойи фарҳангист. Мусиқии чинӣ, алалхусус таронаҳои мардумии он аз замонҳои қадим ба пардаовози пентатоника асос менамоянд. Дар давраи сулолаи Тан пардаҳо ва овозпардаҳои асосии мусиқии Чин дар асоси низоми (системаи) «Люй-Люй» инкишоф ёфтааст. Дар садаҳои XII–XIV операи анъанавии Чин ривоҷу равнақ ёфт. Дар садаи XIX беш аз 300 шакли жанри мазкур ба вуҷуд омада буд. Тарона, рақси речитатив ва мусиқии созӣ, ки асоси операи чиниро ташкил медиҳад.




Оҳангсозони машҳури мусиқии замонавии Чин Си Син-Хай, Нйэ Эр, Чжан Шу, Хуан Сен, Хе Лу-Тин ва дигарон буда, эҷодиёти онҳо равнақ меёбад.

**Халқи уйғур** соҳиби таърихи бисёрасрина буда, бо мероси бойи мадании худ дар байни халқҳои Осиёи Марказӣ мавқеи алоҳидаро ишғол мекунад. Санъати мусиқии халқи уйғур дар ду самт, яъне фолклор ва мусиқии касбии дорои анъанаҳои эҷодиёти даҳонакӣ инкишоф меёбад. Мусиқии касбии уйғур ба се ҳудуди калон тақсим мегардад. Инҳо: Қашқар, Кумул (Тудорони марказӣ) ва водии Или (Ғунчаи марказӣ). Дар мусиқии касбӣ санъати мусиқии воҳаи Или пештар ба ҳисоб мравад. Одатан, иҷрогарони асарҳои



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

мусиқӣ дар байни халқ муқомчӣ, достончӣ, нахшичӣ, санамчӣ, машрапчӣ, усулчӣ, айтимчӣ ва чолғучӣ барин ибораҳо ба забон гирифта мешаванд. Мусиқии уйғур ҷозибадорӣ ва ҷиддияти ба худ хосро дорад.

*Намунаҳоро аз мусиқии халқҳои чин ва уйғур шунавед.*



## ВАРЗИШ

*Шеъри Кавсар Турдиева* *Мусиқии Хуршеда Ҳасанова*






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




**Ба оҳанги зерин дирижёрӣ карда, нотаҳоро бо овози аниқ, равон ва соф сароед:**

**Ҳазил, шӯх**




?! 1. Аз хусуси мусиқии мумтози халқи чин ва операи чинӣ нақл кунед.
2. Дар бораи мусиқӣ ва муқомҳои халқи уйғур ҳикоя кунед.
3. Муаллифи суруди «Варзиш» кист? Онро бо ҳамсинфон якҷоя сароед.

## *Мавзӯи 6:* МУСИҚИИ МУМТОЗИ ХАЛҚИ ҶОПОН ВА ҲИНД


*Актрисаи театри Ҷопон.*

Ҷопон аз қадим бо халқҳои Чин ва Куриё аз наздик равобити маданиро ба роҳ монда, дар асрҳои миёна бо ҷазираҳои худ маҳдуд шуда мондааст. Дар садаи XIX ба маданияти ҷопонӣ таъсири Аврупо пурзӯр мегардад. Соли 1879 Донишкадаи санъати мусиқӣ, соли 1886 бошад, мактаби мусиқии Токио ташкил меёбад ва дар даргоҳҳои таълимии мазкур ҷопониҳо бо мусиқии мамлакатҳои Ғарб шинос мешаванд. Дар мусиқии Ҷопон жанрҳои созӣ ривоҷ ёфта, асбобҳои мусиқии миллӣ – суамисен ва като васеъ истифода бурда мешавад. Дар бутхонаҳо ва маросимҳои саройҳо бо ҷӯршавии ансамблҳои мусиқии бугаку таронаҳо ва рақсҳо иҷро гардидаанд ва мегарданд. Жанри дигари



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

мусиқии касбии ҷопониҳо гигаки дар муҳити самурайҳо ташаккул, аз навъҳои тарона, рақс ва мусиқии созҳо ташкил ёфтааст. Дар Ҷопон ҳамчунин жанрҳои театрӣ, аз қабили ноо ва кабукӣ рушд ёфтааст. Оҳангсозони замонавии ҷопонӣ анъанаҳои миллӣ ва шаклҳои мусиқии Аврупоро дар асоси талабҳои мусиқии Ҷопон равнақ дода, бо эҷод машғуланд. Эҷодиёти дирижёрони ҷопонӣ Касаку Ямада, Хиде-Мору Каноа, скрипканавозон Масуко Кзиода ва Якко Сото, оҳангсозон Ясуки Акудагова, Массао Оки, Асуде Киоси ва дигарон дар саросари ҷаҳон машҳуранд.



*Навозандаи ҳиндӣ.*

**Мамлакати Ҳиндустон** ватани дорои анъанаҳои санъатии мусиқӣ ва дар ин бобат дар миқёси ҷаҳон эътирофгардида маълум мебошад. Дар бобати ба ҳам монандии санъати Осиёи Миёна ва Ҳиндустон, ҳамчунин монандии асбоби мусиқии ҳинд «сантур» бо «чанг»-и тоҷику ӯзбек, «бансури»-и ҳинд бо «найи» тоҷику ӯзбек ва боз чандин мисолҳоро овардан мумкин аст.



**Сетор**

Жанрҳои мусиқии халқи ҳинд ниҳоят бой ва ранголанг мебошанд. Ба он баробари жанрҳои мухталифи фолклор жанри мумтози «Рага»-ро, ки дар саросари ҷаҳон машҳур гардидааст, дохил кардан ва алоҳида таъкид кардан лозим меояд. Маълум аст, ки рагаҳои ҳинд чун «Шашмақом»-и тоҷику ӯзбек шакли мураккаб доранд ва жанри мавқеи фалсафӣ дошта ба ҳисоб меравнад.



**Табла**



**Бансурӣ**

*Аз мусиқии халқҳои Япон ва ҳинд намунаҳо шунавед.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## ДАДИЛ БӮЛИБ – АҲИЛ БӮЛИБ

*Шеъри Пӯлод Муъмин* — *Мусиқии Надим Норхӯҷаев*






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Билим боғи мактабларда,
Гуруҳларда, кенг сафларда,
Қадам қўйсак гурсиллар ер,
Дўстлар кўриб «офарин» дер.

Н а қ о р а т:
Ўрганамиз аҳил бўлиб,
Улғаямиз дадил бўлиб.
Аҳил бўлиб, дадил бўлиб.
Ўрганамиз, улғаямиз.

**Ба савти поёнӣ дирижёрӣ карда, нотаро бо овози аниқ, равон ва соф сароед:**

**Саросема нашуда**



1. Дар қадим Ҷопон бо кадом халқҳо алоқаҳои маданиро ба роҳ мондааст?
2. Аз хусуси оҳангсозон ва дирижёрони машҳури ҷопонӣ нақл кунед.
3. Дар бораи хосиятҳои ба худ хоси рагаҳо нисбати жанри мақом маълумот диҳед.
4. Аз иҷрогарони моҳири ҳинд киҳоро медонед?

## *Мавзӯҳои 7–8:* МУСИҚИИ ХАЛҚҲОИ ҚАЗОҚ ВА ҚИРҒИЗ

Маданияти мусиқии халқи қазоқ аз бисёр ҷиҳат бо фарҳанги халқи қирғиз наздик мебошад. Қазоқҳо дар гузашта халқи бодиянишин буда, асосан бо чорводорӣ шуғл варзидаанд. Санъати мусиқӣ асосан бо тарзи анъанавии шифоҳӣ ривоҷ ёфтааст. Онҳо намунаҳои мусиқии таронасозӣ, достонсаройи мардумӣ, ба жанри касбии мусиқии созӣ хос – дараҷаи ақин (профессионал) мебошанд.

Қазоқҳо таронаро – «ан» ва ё «ӯлан»-гӯён ба забон мегиранд. Таронасароён бошанд, бо номҳои «анчӣ» ва «ӯланчи» ба забон гирифта мешаванд. Достон дар санъати мусиқии қазоқ дорои таърихи амиқ буда, аз жанрҳои номвар ба ҳисоб меравад. Достонҳои машҳурашон «Қизжибек», «Аман ва Шӯлан» ва ғайра мебошанд. Достон асосан бо кӯмаки асбоби мусиқии дӯмбура иҷро карда ме-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



шавад. Жанри мазкурро онҳо «ҷир» мегӯянд ва иҷрогари он бо номи «ҷирши» ба забон гирифта мешавад. Баробари ин, дар байни халқи қазоқ жанри «айтишув» ҳам васеъ оммавӣ гардидааст. Асбобҳои мусиқиашон бошад, аз ҳаёти иҷтимоӣ бармеоянд. Ба он думбура, қобиз, сибизғи, шанқобиз, чангқобиз барин асбобҳоро мисол карда нишон додан мумкин аст.

Маданияти мусиқии халқи қазоқ дар садаҳои XIX ва XX дар зери таъсири мусиқии Аврупо инкишоф ёфтааст.

**Қирғизҳо** ба ҷумлаи туркизабонон даромада, аз ҷиҳати этникӣ ба қазоқҳо наздиканд. Жанри таронаҳои васеъмаъно дар мусиқии қирғиз «Ир» номида мешавад. Аз он ҷумла, шакли мазкур бо шарту шароит ва маросимҳои мухталиф алоқаманд буда, ҳангоми достонсароӣ васеъ истифода мегардад. Ба ин таронаҳоро, ки дар бобати меҳнат, маросимҳои мухталиф, кайфияти маишӣ ва лирикӣ таълиф ёфтаанд, ҳамчунин сурудҳоеро дохил кардан мумкин аст, ки аҳамияти насиҳатомӯзӣ-тарбиявӣ доранд. Дар мусиқии халқи қирғиз достонсароӣ бо қадимӣ будани худ фарқ мекунад. Аз ҷиҳати мазмун бештар ба



**Чанқобуз**



**Дӯмбира**



**Қӯбиз**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

мавзӯи афсонавии қаҳрамонӣ такя менамояд. Дар ин бобат силсилаи достонҳои дар бораи «Манас», киқаҳрамони афсонавии халқ мебошад ниҳоят маҳбубияти калон пайдо намудааст. Дар қатори онҳо достони «Қизжибек» дар байни халқ оммавӣ гардидааст.

Достонсароёнро асосан «ақим» ва дар аксар ҳолатҳо: «манасчӣ» ҳам ном мебаранд. Доираи асбобҳои мусиқӣ он қадар васеъ нест. Дар ин ҷо асосан «қӯмуз», ки зада навохта мешавад, «қилқ», ки асбоби мусиқии камондор аст, нафасӣ «чӯӯр» ва «қӯмузи оҳанин» барин асбобҳои мусиқин нафасиро васеъ истифода бурдаанд.

*Намунаҳоро аз мусиқии халқҳои қазоқу қирғиз шунавед.*

**Ба савти зерин дирижёрӣ карда, нотаашро бо овози аниқ, равон ва соф сароед:**



1. Маданияти маънавии халқи қазоқ бо бисёр ҷиҳатҳояш ба кадом халқ наздик мебошад?
2. Мусиқии мардумӣ якҷоя бо анъаноти халқи қазоқ дар кадом намудҳои жанрҳо ташаккул ёфтааст?
3. Аз хусуси «достон», ки соҳиби таърихи амиқ аст ва асбобҳои мусиқӣ нақл намоед.
4. Хусусиятҳои ба мусиқии халқи қирғиз хосро нақл намоед.

## МОНАНДИИ МУСИҚИИ КАСБИИ ХАЛҚҲОИ ШАРҚ

Маълум аст, ки халқҳои ҷаҳон аз азал бо ҳамдигар алоқаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, савдо ва маданӣ доштаанд. Анъанаи зебо, мукаммал ва муносиб, одати ҳар як халқ ба анъанаи халқҳои дигар таъсири худро расондааст. Ва онро мо дар даврони имрӯзаамон бо дар байни ҷавонон оммавӣ гашта истодани жанрҳои мусиқии луби эстрадаи Ғарб муқоиса кунем ҳам, меарзад. Аз ин мебарояд, ки аз қадим дар низоми ҳаёти халқҳои мухталиф татбиқ гардидани ҷараёни монандии анъаноти халқҳои дигар муқаррар будааст. Мо чунин омилро барои дар санъати мусиқии касбиамон тасаввур кардан ҳаракат менамоем.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Одатан, асари мусиқӣ дорои «ном», «шакл», «садопарда», «матн» мешавад. Дар давоми асрҳо дар муносибатҳои байниҳамдигарии халқҳо бошад, номгузорӣ (ибораҳо), шаклҳои сохти асарҳо, сохти сухан, дар қиёси асбобҳои мусиқӣ шабеҳӣ (монандӣ) бисёр будаанд. Аз он ҷумла, номгузории мақом, умуман бигирем, низоми мазкур мақомот номида шудааст. Аммо дар Озарбойҷон муқом, халқҳои ӯзбеку тоҷик мақом мегӯянд. Баъзе халқҳо (дар ҳиндҳо рага; дар марғиб, арабҳо нуба) гуфтанашон чунин маънӣ дорад, ки мусиқии мазкур шакли аз ҳама бузурги мусиқии касбӣ будааст. Дар асбобҳои мусиқии Шарқ ҳам бисёр монандӣ мавҷуд аст. Чунончӣ, рубоб дар гузашта дар байни халқҳои Шарқ бо номҳои «Ребаба», «Рабаб» васеъ паҳн гардида будааст. Танбӯр бошад, дар ҳиндҳо – тампура, арабҳо-тамбура, уйғурҳо-томбир номида шудааст. Асбобҳои мусиқии зарбӣ дар бисёр халқҳои Шарқ бо номҳои даф, дафф, дапп, деф вомехӯрад. Асбобҳои мусиқии нафасӣ – най, неу, нуей, ной, ней, сурнай бошад, зурпа, сурна, поми номбар гаштаанд. Ҷараёни мазкур на танҳо дар номгузории онҳо, балки дар асбобҳои мусиқӣ ҳам назаррас намудор мегардад.



## ДӮСТОН МЕСАРОЯНД

*Шеъри Иброҳим Ҷиянов* *Мусиқии Хуршеда Ҳасанова*

**O‘rtacha tez**






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




Мен бугун дӯстларим даврасида,
Келажак сари интиламан.
Орзу-умидлар қанотида,
Олам сирларин ӯрганаман.
Ширин хаёлларга ӯхшаб,
Кетади болалик.

*Намунаҳоро аз оҳангҳои халқҳои Шарқ шунавед.*

**Ба савти зерин дирижёрӣ карда, нотаашро бо овози аниқ, равон ва соф сароед:**



1. Дар мусиқии мумтоз ҷиҳатҳои монандиро шуморед.
2. Дар низоми мақомҳо номгузории умумӣ чӣ тавр номбар мегардад?
3. Номҳои созҳои монанди халқҳои Шарқро нақл кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ТЕАТРИ ҶОПОН



Театри мардумии Ҷопон таърихи ба худ хос дорад. Мувофиқи он дар таърих шаклҳои анъанавии театри ҷопонӣ бо номҳои «Ноо», «Бугаку» ва «Кабуки» ба вуҷуд омада, фаъолият ронда, ташаккул ёфтааст. Шакли аз ҳама қадимаи он «Ноо» номида шуда, намуди аввалини театри анъанавии асосии ҷопониро дар садаи IV ташкил додааст. Фаъолияти эҷодии он ҳам баробари ба худ хос буданаш фарқ мекунад. Аз ҳама муҳимаш онро, театр аз оддигӣ иборатбуда ё намоиш гуфтан мумкин аст. Саҳнаи театр аз ҳар гуна декоратсия даст кашидааст. Матое истифода гардидааст, ки дар фони зарҳал дарахти саҳна кашида шудааст. Баробари ин дар якчанд сабадчаҳо гулҳои сабзро гузоштаанд. Услуби мазкур дар тӯли якуним аср тағйир наёфта, истифода гардидааст.

Намоиш ба оҳистагӣ, тантанавор гузаштааст. Танҳо аз ҷониби актёрон суръати ҳаракати зарурӣ лозим ояд, аз овози нағораҳо истифода бурдаанд. Тамоми спектаклҳои театр дар услуби пантомима гузошта шудаанд. Яъне, актёрон овоз набароварда, нақшро иҷро намудаанд. Сужет асосан аз афсонаву ривоятҳои қадима гирифта, баробари ин ба таърихи ҳаёти Буддо такя карда шудааст. Дар баъзе ҳолатҳо афсонагӯй иштирок намудааст. Иҷрои наздики он тавассути гулӯ ва суханронӣ ба ҳаракатҳои актёрон мувофиқ буд. Онҳо либосҳои зебо пӯшида, нақш бозидаанд. Агар вазъият тақозо намояд, ниқоби даҳшатовар ҳам пӯшидаанд. Дар театри «Ноо» танҳо мардон ҳунарнамоӣ кардаанд. Нақши занонро одатан бачагон иҷро намудаанд.

Дар асри XII боз як шакли театри чопонӣ – «Бугаку» пайдо гардид. Дар он асосан чун қисми асосии маросимҳои динии Буддо раққосон бо ниқобҳо ҳаракат кардаанд. Дар он баробари актёрон мусиқорон бо най, литавра, ликобчаҳои мисин иштирок намуда-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

анд (яъне, ансамбли «Бугаку»). Актёрон саҳнаҳоеро ичро кардаанд, ки аз ҳаёти Буддо нақл менамоянд. Навозандагон бошанд, мувофиқи хусусияти «сеҳру ҷоду» интихоб шудаанд.

Театри «Кабуки» дар Ҷопон охири асри XVII ташаккул ёфтааст. Фарқи он аз театрҳои пештара дар мутобиқ, гардиаш ба маданияти шаҳр мебошад. Худи калимаи «Кабуки» маънои «майлу рағбат»-ро дорад. Сабаб театри мазкур аз пештарааш ба куллӣ фарқ кардааст. Аммо аз декоратсияи саҳна фарқ ҳис карда намешуд. Девори биноҳо вазифаи фонро ичро кардаанд. Дар театри «Кабуки» ҳам танҳо мардон нақшҳо офаридаанд. Намоишҳо аз рақсҳо ва саҳнаҳои драматикӣ иборат буд, ки онҳоро иваз менамуд. Аз ин рӯ, дар театри «Кабуки» барои актёрон на танҳо ҳаракат, балки имкониятҳои овозашон ҳам аҳамияти калон дошт. Театрҳои мардумии Ҷопон бо соддагӣ, оддигӣ ва аҳамияти муҳим доштани хусусиятҳои миллӣ фарқ мекард.

## КОРИ НАЗОРАТӢ

**1. Ҷашнворае, ки дар ду сол як бор дар Самарқанд гузаронда мешавад, чӣ ном дорад?**

А) Баҳори Бойсун; Б) Таронаҳои Шарқ;
В) Анъанаҳои барҳаёт.

**2. Боғлама сози мусиқии кадом халқ аст?**

А) Турк; Б) Қазоқ; В) Ҳинд.

**3. Дар туркманҳо «Алла» чӣ гуна ифода мегардад?**

А) Алла; Б) Ҷичи; В) Ҳувди.

**4. Жанри асосии мусиқии касбии Эронро ёбед.**

А) Дастгоҳ; Б) Рага; В) Мақом.

**5. «Таронаҳои Шарқ» чӣ гуна ҷашнвора аст?**

А) Кинофестивал; Б) Ҷашнвораи байналхалқии мусиқӣ;
В) Ҷашнвораи бачагон.

**6. Жанри суруд дар мусиқии халқи қирғиз чӣ тавр номида мешавад?**

А) Манас; Б) Ир; В) Ҷиров.

**7. Асбобҳои созиро оид ба халқҳои Шарқ ишора кунед.**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

А) Фортепиано, скрипка, арфа; Б) Балалайка, дӯмбира, гармон, флейта; В) Танбӯр, уд, сетор, ребаб.

**8. Асбоби мусиқии Кото ба кадом халқ мутааллиқ аст?**

А) Араб; Б) Ҷопон; В) Ҳинд.

**9. Жанри рага дар мусиқии кадом халқ вомехӯрад?**

А) Туркҳо; Б) Ҷопонҳо; В) Ҳиндуҳо.

**10. Номи сарояндаи машҳури арабҳоро гӯед!**

А) Умму Кулсум; Б) Айшвари; В) Лата Мангешкар.

## ҲАРФҶАДВАЛ




1. Мусиқии мумтози Эрон (дастгоҳ) ва Озарбойҷон.
2. Жанри аз ҳама оммавие, ки дар байни халқи қазоқ ду иҷрогар ба иҷро мерасонад.
3. Ҳиндҳо мақомҳоро чӣ ном мебаранд?
4. Достони мардумии машҳури халқи қирғиз.
5. Сулолаи Чини қадима.
6. Асбоби мусиқии чангшакли ҳиндӣ ва эронӣ.
7. Яке аз достонҳои туркман.
8. Асбоби мусиқии халқҳои турк ва озар.
9. Асбоби пуфкунии сурнайшакли халқҳои Шарқ.
10. Театри мусиқии Ҷопон.
11. Суруди мардумии туркман.
12. Жанри пешбари мусиқии мумтози Эрон.
13. Пири мусиқии мумтози тоҷик ва ӯзбек.
14. «Суруд» дар қирғизҳо чӣ номида мешавад?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ЧОРЯКИ IV

# МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУСИҚИИ МУМТОЗИ АВРУПО

### *Мавзӯи 1:* МУСИҚИИ МУМТОЗИ АВРУПО

Опера, кантата, оратория, балет, симфония, увертюра, соната барин жанрҳои бисёровоза хоси мусиқии мумтози Аврупост, ки намунаҳои аввалини он дар асрҳои миёна пайдо гардидаанд. Қоидаҳои дар ин жанрҳо асарҳо офаридан ҳам дар ҳамон давра ташаккул ёфта, имрӯзҳо ба қуллаи аз ҳама баланди ривоҷи худ баромадааст.

Опера дар охири садаи XVI дар Италиё пайдо гардида, намудҳои таълифи он дар мавзӯъҳои таърихӣ-қаҳрамонӣ, таърихӣ-романтикӣ, эпикӣ, афсонавӣ, лирикӣ, драматикӣ, хаҷвӣ буда, навъҳои намунавии мумтози он аз тарафи оҳангсозони аврупоӣ Ҷ.Верди, Х.Глюк, В.Мотсарт таълиф ёфтаанд.

Жанрҳои кантата ва оратория бошад, бо опера дар як давр пайдо шудаанд. Онҳо асарҳои калони бисёрқисма буда, барои яккахонҳо, хор ва оркестр таълиф ёфтаанд.

Балет аз забони фаронсавиён гирифта шуда, маънои «ба рақс медароям, мерақсам»-ро дорад. Оҳангсози фаронсавӣ Ҷ.Б.Лулли дар ин жанр намунаҳои нахустинро таълиф намуда, аз савту андозаҳои мухталиф истифода бурдааст. Жанри балет дар мусиқии рус ба қуллаи баланди худ расиданаш ба ҳамагон маълум мебошад.

Симфония дар садаи XVIII пайдо гардидааст. Ба тезӣ ба сифати жанри бузургу мураккаби мусиқӣ дар саросари дунё паҳн шудааст. Бетховен, Мотсарт, Шуберт, Чайковский, Бородин барин оҳангсозоне, ки саросари дунё онҳоро эътироф кардааст, намунаҳои мумтози симфонияро таълиф намудаанд.

Дар мусиқии мумтози Аврупо «соната», «баллада», «прелудия», «квартет» барин даҳҳо жанрҳои мусиқӣ пайдо шуданд. Дар эҷодиёти В. Мотсарт, И.Гайдн, Л.Бетховен барин оҳангсозон



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

намунаҳои бузурги жанри мазкур пайдо шуданд. Дар мусиқии мумтози Аврупо мусиқии орган мавқеи алоҳида дорад. Бо ин асбоби бузурги тугмачадори бо кӯмаки ҳаво сароянда И.С.Бах, Гендел барин оҳангсозон асарҳо таълиф намудаанд. Асарҳои жанри мазкур ба инсоният қувва ва завқу шавқи алоҳида мебахшанд. Жанрҳои мазкур ба мусиқии ӯзбек дар садаи XX дохил шудаанд.

**ЕЛИЗАГА**

*Оҳанги Людвиг Ван Бетховен*

**Ба зудӣ**






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




**Кантата** – жанри бузурги овозиву созиест, ки барои иҷрогарони инфиродӣ (якка), хор ва оркестр иншо ёфтааст. Дар он воқеият асосан ба воситаи мусиқии хор, ария, ансамбл ва созҳо тасвир меёбад. Оратория – чун кантата ба иҷрогарони якка, хор ва оркестри симфонӣ навишта шуда, асари мусиқии бисёрқисма аст. Асосан ба саҳна не, балки ба иҷрои шароити консерт таъин гардидааст. Кантата аз оратория асосан бо ҳаҷми худ, яъне хурдӣ, аз ҷиҳати мазмун бо якнавъӣ, ҳамчунин ривоҷи драматикӣ фарқ мекунад. Балет бошад, асари калони мусиқии саҳнавӣ буда, жанри мусиқии синткретикист ва як қатор жанрҳои мусиқиро дар бар гирифтааст. Дар балет асоси асарҳои бадеӣ мусиқӣ аст ва ба воситаи рақс (хореография) ҳамоҳанг ифода меёбад, яъне мавзӯи драматикӣ ба воситаи рақс, имову ишорат, либосҳо, ҳаракатҳои саҳнавӣ ва мусиқӣ нишон дода мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

?!
1. Кадоме аз жанрҳои мусиқии бисёровозаро медонед?
2. Опера, ки дар охири садаи XVI дар Италиё пайдо гаштааст, ба кадом мавзӯъҳо бахшида шудааст? Кадом оҳангсозони аврупоиеро медонед, ки опера таълиф намудаанд?
3. Аз хусуси жанрҳои кантата, оратория ва балет нақл намоед.
4. Симфония кай пайдо шудааст ва кадом оҳангсозонеро медонед, ки симфония таълиф намудаанд?



## КИМ ЭПЧИЛ-У, КИМ ЧАҚҚОН

*Шеъри Анвар Обидҷон* — *Мусиқии Аваз Мансуров*






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




Накорат: Сен оҳусан, мен жайрон,
Ким эпчил-у, ким чаққон?
Ботирбекми, ё Райҳон,
Нодирбекми, ё Ойхон
Ким эпчил-у, ким чаққон?!



Эпчил бола майдондан,
Қувнар чаққон қиз билан.
Даврамизга марҳабо,
Ўйна, ўйна биз билан,
Ўйна, ўйна биз билан...







Н а қ о р а т:

Эпчил бўлу, чаққон бўл,
Оташ бўлу, вулқон бўл.
Барчинойдек шаддод қиз,
Алпомишдек полвон бўл,
Алпомишдек полвон бўл.

Н а қ о р а т:

Тортишмачоқ ўйнаймиз,
Бекинмачоқ ўйнаймиз,
Юртга шодлик ёғдириб,
Шодон, қувноқ ўйнаймиз,
Шодон қувноқ ўйнаймиз...



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## *Мавзӯи 2:* **ВОЛФГАНГ АМАДЕЙ МОТСАРТ**



*Волфганг Амадей Мотсарт. (1756–1791)*

Дар байни оҳансозони хориҷӣ, ки ба саросари дунё дар ҷавонӣ машҳур гардидаанд, оҳангсози австриягӣ Волфганг Амадей Мотсарт ҳам мебошад. Вай 27 январи соли 1756 дар оилаи оҳангсоз-органчии сарой Леополд Мотсарт, ки дар шаҳрчаи Залсбурги Австрия ҳаёт ба сар мебурд, дида ба дунё кушодааст. Қобилияти нисбати мусиқӣ доштаи Мотсарт дар синни 3-солагиаш аён гардидааст. Ӯ дар клавесин соатҳо машғул гардида, навоҳои аз тарафи хоҳари калониаш Аннаи 8-сола навохтаро бо як шунидан бехато такроран гуфта, навохта медод. Падараш Леополд ба қобилияти мусиқии писараш тан медиҳад ва баробари Анна бо Мотсарт ҳам машғул мегардад. Волфганг Мотсарт дар синни шашсолагӣ ба хуб навохтани клавесин камёб мегардад ва асарҳои аввалин, песаҳои хурдҳаҷмро таълиф менамояд. Вақте ки синни Мотсарт ба ҳафт мерасад, ҳамроҳи хоҳари калониаш Аннаи 12-сола дар қароргоҳи шоҳи Фаронса (саройи Версал) консерт медиҳад. Бачагон сараввал якчанд асарҳои мураккабро навохта, ҳамаро дар ҳайрат мегузоранд. Баъд Волфганг Мотсарт ба даст скрипка гирифта, якчанд асарҳоро бо маҳорати баланд иҷро менамояд. Хоҳари калониаш Анна ба ӯ бо клавесин ҷӯр мегардад. Ононе, ки дар сарой ҷамъ омада буданд, ба Волфганг мароқ зоҳир мекунанд. Вай нотаҳои асарҳоеро, ки бори аввал медид, ба нота нигоҳ карда, бознаистода, ба қиёмаш расонда иҷро мекард. Қисми асарҳои мусиқии додашударо бо нақшҳои мухталиф ба тарзи гуногун навохта дод. Қисмҳои асарҳои мусиқии аз ҷониби меҳмонон навохтаро баробари бастани чашмонаш аз нав менавозад. Оқибат номи вай дар дигар шаҳрҳо ҳам паҳн ме-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

шавад. Вай дар давоми чанд сол дар Вена, Париж, Лондон, Гана, Брюссел, Женева барин як қатор шаҳрҳо консерт намоиш медиҳад.

Падари Мотсарт Леополд ба ӯ сирҳои таълиф додани асари мусиқӣ, композитсияҳо мукаммал меомӯзонад. Оқибат китоби аввалини Мотсарти 8-сола дар Париж рӯйи чопро мебинад. Дар синни дувоздаҳсолагӣ ӯ аввалин операи худро таълиф менамояд.

Падари Мотсарт Леополд Мотсарт барои аз хурдӣ ҳамаҷониба ба камол расидани ӯ тамоми шароитро фароҳам овард. Мотсарти ҷавон барои ҳаматарафа омӯхтани забонҳои хориҷӣ, таърих, ҷуғрофия, арифметика ва дигар фанҳо пайваста кӯшид. Ӯ ба Париж, Лондон ба театрҳои опера ва консерти оркестрҳои симфонӣ тез-тез мерафт. Сафари Мотсарт бо падараш ба Итолиё дар ҳаёти ӯ изи фаромӯшнопазир гузошт. Меъмории бой, табиати дилбар, осорхона ва театрҳои шаҳрҳои Итолиё ба Мотсарти ҷавон илҳоми нав бахшиданд. Дар давоми чанд моҳ Мотсарт аз назариётчии бузурги соҳаи мусиқии Итолиё Падре Мартини сирҳои оҳангсозиро меомӯзад. Мотсарти 14-сола дар охири таҳсил аз озмоишҳо бомуваффақият гузашта, барои гирифтани дипломи аъзои ифтихории Академияи мусиқии Болония муваффақ мегардад.

Бо таассурот ва илҳоми нав ба таълиф намудани бисёр асарҳои мусиқӣ муваффақ гардид. Операҳои «Хонадоршавии Фигаро», «Флейтаи сеҳрнок», симфонияҳои сершумор, сонатаҳо барои фортепиано, таронаҳо барои консертҳо ва хор маҳсули эҷодиёти ӯ буданд. Аммо аристрократҳои маҳаллӣ дар охири умраш Волфганг Амадей Мотсарт, истеъдоди бузурги ӯро ба қадри кофӣ қадр карда натавонистанд. Ба вай ҳамчун хизматкор, ҳамчун як ширинкоре, ки барои ба даст овардани дили одамони бою бадавлат мекӯшид, муносибат карданд. Мотсарт бошад, мусиқиро кори муҳим, зарурати ҳаётӣ мепиндошт. Мотсарт ҳамагӣ 36 сол умр дид. Вале дар ана ҳамин фурсати кӯтоҳ мероси бойи мусиқиро аз худ боқӣ гузошт. Тамоми одамони дунё ӯро ба сифати оҳангсози бузург эътироф менамоянд ва асарҳои ӯро бо маҳбубияти калон мешунаванд.

*Яке аз асарҳои В.А.Мотсарт ё бо ёрии омӯзгоратон асари ӯ «Пазмонии баҳор»-ро шунавед.*



*Шеъри А.Обидҷон «Ким эпчилу, ким чаққон», мусиқии А.Мансуров.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## БАҲОР СОҒИНЧИ
## (ПАЗМОНИИ БАҲОР)

*Шеъри А.Овердер* | *Мусиқии В.А.Мотсарт*
*Тарҷумаи Сафар Барноев*




**Жанри соната.** Дар байни жанрҳои муайяне, ки дар эҷодиёти мусиқӣ дучор меоянд, жанри соната бо оммавӣ будани худ фарқ мекунад. Жанри соната асосан шакли мусиқии созҳо ба ҳисоб меравад. Дар амалия маълум аст, ки бештар дар асарҳои барои фортепиано офаридашуда дучор меояд. Жанри соната шаклест, ки асосашро ҳаракати ба ҳам муқобили ду мавзӯъ ташкил медиҳад.

?!

1. В. Мотсарт аз чандсолагӣ ба таълифи асарҳои мусиқӣ шурӯъ намудааст.
2. Аз хусуси консертҳои додаи ӯ бо хоҳари калониаш Анна маълумот диҳед.
3. Мотсарт операи 1-уми худро дар чандсолагиаш навиштааст?
4. Ба Мотсарт барои дониши васеъ гирифтан чӣ гуна шароит фароҳам оварда шуд?
5. Аз хусуси шогирди Падре Мартинӣ шудани Мотсарт ва бо дипломи аъзои ифтихории Академияи мусиқии Болония тақдир гардидани ӯ нақл кунед



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## *Мавзӯи 3:* МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ СИМФОНИЯ

«Симфония» аз забони юнонӣ гирифта шуда, аз ду калима — «сун» (якҷоя) ва «фоне» (овоз) таркиб ёфтааст. Он дар натиҷаи якҷоя садо додани якчанд асбобҳои мусиқӣ ҳосил шудани асари мусиқиро мефаҳмонад.

Симфонияҳо одатан дар оркестри симфонӣ иҷро карда мешаванд. Баъзан ба он хор ва хонандагони якка ҳам ҳамроҳ мегарданд. Оркестри симфонӣ аз кадом асбобҳои мусиқӣ таркиб ёфтанаш ба шумоён маълум аст. Таркиби пурраи оркестри симфонӣ тахминан аз инҳо иборат мегардад:




Симфонияҳо одатан аз чор қисм иборат мешаванд:

Қисми I дар шакли соната аллегро мураттаб мегардад;

Қисми II бо характери бузург, суръати вазнин иҷро мегардад;

Қисми III дар характери лирикӣ ё худ скерсо мураттаб мегардад;

Қисми IV дар шакли рондо, яъне як қисми чун шабеҳи нақароти тарона ҳар бор гаштаву баргашта садо медиҳад. Ин қисм, одатан ба характери тантанаворӣ ва ҷӯшу хӯруш молик мегардад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Аз рӯи жанри симфония оҳангсозони немис, чех, итолиёвӣ, фаронсавӣ ва австриягӣ асарҳо навиштаанд.

Навъҳои мумтози симфонияро У.Гайдн, В.Мотсарт, П. Чайковский, С.Прокофев, Д.Шостакович барин оҳангсозони кишварҳои хориҷ таълиф намудаанд. Дар байни эҷодкорони мусиқии ӯзбек М.Ашрафӣ, И.Акбаров, Т.Қурбонов, С.Ҷалил, М.Тоҷиев, Б.Лутфуллоев, М.Бафоев ва дигар оҳангсозон аз рӯйи жанри мусиқии симфонӣ аввалин эҷодкорони асарҳо ба ҳисоб мераванд.

Навъҳои содда ва аз ҷиҳати хаҷм хурди симфония ҳам мавҷуд буда, он симфонетта номида мешавад. Асари симфоние, ки аз як қисм иборат аст, «поэмаи симфонӣ» номида мешавад.

*Намунаеро аз симфонияҳои В.Мотсарт шунавед (симфонияи 40).*

**В. МОТСАРТ**

*(Симфонияи 40)*

**Тези миёна**






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Қисмҳои таркибии симфония асари бузурги мусиқиест, ки барои оркестр таъин гардидааст. Одатан симфонияҳо чорқисма мешаванд: қисми 1 – дар шакли аллегрои соната; қисми 2 дар шакли қисми нахустини соната ё ки вариатсия; қисми 3 – қисми корӣ (нисбати дигар қисмҳо чоннок иҷро мегардад), қисми 4 –дар шакли рондо ё ки вариатсия буда, қисми тантанавори анҷомдиҳанда ба ҳисоб меравад. Дар амалиёти эҷодкории мусиқӣ оҳангсозон симфонияҳои 1-қисма ва 2-қисма офаридаанд.





?!

1. Калимаи «симфония»-ро маънидод кунед.
2. Оркестри симфонӣ аз кадом созҳои мусиқӣ ташкил меёбад?
3. Аз хусуси қисмҳои таркибии симфония нақл намоед.
4. Аз оҳангсозони машҳур киҳоро медонед, ки дар жанри симфония эҷод кардаанд?
5. Аз оҳангсозони ӯзбек кадоме дар жанри симфония эҷоди пурбаракот кардаанд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## *Мавзӯи 4:* ЛЮДВИГ ВАН БЕТХОВЕН



*Людвиг ван Бетховен.*
*(1770–1827)*

Людвиг Ван Бетховен дар шаҳри Бонн, ки шаҳрчаи на он қадар калони соҳили дарёи Рейни Олмон (Германия) мебошад, соли 1770 дида ба дунё кушодааст. Бобо ҳам, падараш Иоганн ҳам солиёни зиёде мусиқорт аронасарои сарой шуда хизмат кардаанд. Оилаи Бетховенҳо камбғалона ҳаёт бар сар бурдаанд.

Людвиг бачаи ниҳоят камгап, бо хаёлҳои хеш банд буда, худро мудом танҳо ҳис мекард. Вале мусиқиро аз таҳти дил дӯст медошт. Падар фарзандонаш мусиқор шуданашро намехост. Аз ҳамин сабаб Людвиги ҷавон аз падараш рустӣ навохтани скрипкаро ёд гирифт. Скрипка навохта гаштани писарашро тасодуфан шунида, Иоганн сараввал писарашро сахт дашном дод, баъд соҳибистеъдод будани ӯро ҳис намуда, қарор дод, ки аз вай «Мотсарти дуюм»-ро ба камол мерасонад. Бо ҳамин роҳи сарватманд шуданро ҷустуҷӯ намуд. Иоганн Людвиги ҷавонро дар клавесин, скрипка машқ кунондан гирифт. Аммо машғулиятҳои ӯ танҳо аз навозондани машқҳо иборат буд. Людвиг мусиқии шунавидаашро ба тезӣ аз бар мекард ва бисёр асарҳоро аз ёд менавохт.

Аз байн вақти муайян гузашт. Соли 1778 падараш Иоганн ҳунарнамоии аввалини Людвиги 8-соларо дар назди ҷамоат ташкил намуд. Консерт бомуваффақият гузашт ва номи Людвиг ван Бетховен дар байни халқ босуръат паҳн гардид. Акнун мебоист ба вай омӯзгори махсусро даъват мекарданд. Органнавоз Нефе ба омӯзгори асил ва дӯсти кордонаш мубаддал ёфт.

Ба зудӣ Людвиг клавесин, скрипка ва органро менавохтагӣ шуд, асарҳоро импровизатсияи сабук (бо нақшу шаклҳои мухталиф) карда, менавохт. Барои таҳсил дар мактаби таълими умумӣ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

маблағи оила намерасид. Ба ивази меҳнати зиёд Людвиг фанҳоеро, ки дар мактаб омӯзонда мешуд, мустақилона аз бар намуд. Алалхусус, вай забон ва адабиёти немис, асарҳои файласуфони қадимро мукаммал аз бар кард. Аҳволи ночори оилавӣ Бетховенро маҷбур кард, ки аз хурдӣ бо меҳнат машғул шавад.

Людвиг ван Бетховен аз ҷавониаш сар карда ба навиштани асарҳо ҷиддан машғул гардид. Махсусан, сонатаҳо ва симфонияҳое, ки ӯ таълиф намудааст, саросари дунё машҳур гардиданд. Солҳои охирини умр Бетховен ба душвориҳои зиёде рӯбарӯ гардид. Бар асари маризии шукуфа гӯшҳои Людвиг ношунаво шуданд ва он барои вай ҳодисаи даҳшатнок гардид.

Бетховен ба душвориҳои зиёде нигоҳ накарда, то охири умраш мусиқиро тарк накард. Аз ҳамин сабаб аз худ бисёр асарҳои нодири мусиқӣ-сонатаҳо, песаҳо, симфонияҳо, ораторияҳо ва операи «Фиделио»-ро боқӣ гузошт. Людвиг ван Бетховен соҳиби қуввату қудрати бузург доштани мусиқиро дониста, ин тавр хитоб карда буд: «Мусиқӣ қалби инсонро бояд чун барқ равшан намояд!».

⦿ *Порчаеро аз симфонияи сеюми «Қаҳрамонӣ»-и Л.Бетховен шунавед.*

𝄞 **Дар бораи класситсизм.** Намунаи эҷодие, ки ҳамҷониба мукаммалӣ касб намудааст, классика номида мешавад. Калимаи класситсизм дар забони лотинӣ маънои намунавиро медиҳад. Аз ҳамин сабаб, дар адабиёт, мусиқӣ ва дигар соҳаҳо ба ҳамин самт асос карда, асари намунавӣ офаридан мудом дар маркази диққату эътибори эҷодкоронии будааст. Ба мусиқӣ асри XVII ворид гаштааст. Тамоюли хоси класситсизми мусиқӣ дар ғояи аниқи асар, сохтори композитси мукаммал, ҳудуди аниқ байни жанрҳо намоён мегардад. Асарҳои Л. Бетховен, В. Мотсарт бо мукаммалӣ ва намунавӣ будани худ фарқ мекунанд

?!
1. Бетховен дар куҷо ва кай таваллуд ёфтааст?
2. Дар хусуси солҳои аввалини ҳаёти бачагии Людвиг ван Бетховен нақл кунед.
3. Дар бораи консерти аввалини Бетховен ҳикоя намоед.
4. Дар бораи аҳволи ночори оилавии Бетховен ва таъсири он ба эҷодиёти ӯ нақл кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## *Мавзӯи 5:* ФРИДЕРИК ШОПЕН



*Фридерик Шопен (1810–1849)*

Фридерик Шопен оҳангсози бузурги лаҳистонӣ (поляк) мебошад, ки ба ривоҷи маданияти мусиқии ҷаҳон саҳми беандоза гузоштааст. Вай дар иҷро намудани фортепиано ба маҳорати беҳамто муваффақ гардида, пианинонавози моҳири замони худ (вертиоз) буда, асосгузори мусиқии мумтози лаҳистониён мебошад.

Оҳангсоз дар яке аз ҳудудҳои атрофи пойтахти Лаҳистон – Варшава соли 1810 таваллуд ёфтааст. Фридерик, ки соҳиби истеъдоди бузург буд, бо мусиқӣ хеле барвақт машғул гардид ва асари аввалини худро дар синни 7-солагӣ эҷод намуд. Аз синни 8-солагӣ бошад, дар маросимҳои оилавӣ-ҷамоавӣ ба сифати пианинонавоз дар консертҳо иштирок кард. Бо мақсади баланд бардоштани маҳорати иҷрогарии худ ӯ соли 1830 ба Париж меравад ва бо тақозои тақдир то охири умраш дар ҳамон ҷо мемонад. Зеро соли 1831 ба мубориза и инқилобӣ дар Лаҳистон хотима дода мешавад. Ононеро, ки барои мустақилияти Ватан мубориза мебурданд, қатл намуданд. Фридерик бошад, дар даври худ байни истиқлолхоҳон буд. Аз ҳамин сабаб эҷоди вай дур аз Ватан ба амал омад. Соли 1849 дар Париж вафот намуд. Дар эҷодиёти Ф.Шопен мусиқии фортепиано мавқеи калон пайдо намудааст. Махсусияти эҷодиёти вай дар миллияти асарҳо, симфонияҳои ғоявӣ ва бой будан аз ҳиссиёт, рӯҳияти нозук зоҳир мегардад. Эҷоди Шопен ба ривоҷи мусиқии ҷаҳон, алалхусус ривоҷи мусиқии фортепиано таъсири калон гузоштааст. Вай асосан барои фортепиано асарҳо эҷод намудааст ва онҳо ба намунаҳои аз ҳама равшани «Мероси тиллоӣ» мубаддал гардидаанд. Ҳар як пианинонавоз иҷрои асарҳои ӯро барои худ фахру ғурур меҳисобад. Асарҳои Шопен иборат аз 2-то консерт, барои фортепиано 4-то песа, 3-то соната, 4-то баллада, 76-то полонез, қариб 60-то мазурка, 17-то валс, 27-то этюд ва ғайра мебошад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Намунаеро аз асарҳои Фридерик Шопен шунавед.*

**МАЗУРКА**

*Мусиқии Ф. Шопен*

**Ниҳоят тез**






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Оҳанги зеринро ба нота нигоҳ карда навозед:**



1. Фридерик Шопен — пианинонавози моҳир.
2. Шопен дар чандсолагиаш ба навиштани асарҳо шурӯъ намудааст?
3. Оид ба хусусиятҳои хоси эҷодиёти Ф.Шопен нақл кунед.
4. Шопен аз рӯйи кадом жанрҳо эҷодиёти бойи худро мерос гузоштааст?






## ДИЁРАМ

*Шеъри Рустам Хӯҷаев* *Мусиқии Надим Норхӯҷаев*

**Tez =117**






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




Миллатларинг бўлди муштарак,
Яшар иноқ бир жон-у бир тан.
Буюк айём бўлсин муборак,
Эй кўҳна юрт, ҳур Ўзбекистон.

## *Мавзӯиҳои 6–7:* ҲАЁТ ВА ЭҶОДИЁТИ МИХАИЛ ИВАНОВИЧ ГЛИНКА. ОММАВӢ ГАРДИДАНИ МУСИҚИИ АВРУПОӢ ДАР БАЙНИ ХАЛҚҲОИ ҶАҲОН

Асосгузори мусиқии мумтози рус Михаил Иванович Глинка 20 майи соли 1804 дар деҳаи Новоспасси губернияи Смоленск дида ба дунё кушодааст. Шавқи Глинка нисбати мусиқӣ аз хурдӣ намоён шудааст. Вай оҳангҳоеро, ки оркестри деҳқонон иҷро мекард, шунавида, навохтани скрипка, флейта ва фортепианоро ёд гирифт. Баробари забонҳои хориҷӣ адабиёт ва таърих, расмкаширо аз бар намуд.

Соли 1817 Глинка ба Петербург кӯчида меояд ва дар пансиони Благородний таҳсили илм мегирад. Баъди хатми пансион соли 1822 ба мусиқӣ эътибори калон медиҳад. Дар бобати ташаккулёбии эҷоди Глинка шиносоӣ бо ҳаёти шаҳрҳову маданиятҳои он, оҳангсозони бузург аҳамияти калон пайдо намуда, мусиқии замо-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Михаил Глинка.*
*(1804–1857)*

навиро аз бар намуд. 1834 ба Русия баргашта, ба навиштани операи «Иван Сусанин» шурӯъ менамояд. 27 ноябри соли 1834 нахустичрои он ба амал омада, ба муваффақияти калон сазовор мегардад. Баъд ба таълифи операи «Руслан ва Людмила» шурӯъ менамояд. Соли 1844 Глинка ба Париж меравад. Бо Берлиоз кор мекунад ва бо ӯдар мулоқоти наздик мешавад.

Навоварии Берлиозро Глинка воло арзёбӣ мекунад. Соли 1845 Глинка ба Испониё рафта, ба комёбии калони эҷодӣ муваффақ мегардад. Соли 1846 дар Мадрид фантазияи «Арагонская хота»-ро таълиф мекунад. Дар 9 соли охири умраш фантазияи симфонии «Камаринская», песаҳои хурд, романсҳоро эҷод менамояд, асарҳои пештар иншокардаашро аз нав кор мекунад.

3 феврали соли 1857 Михаил Иванович Глинка вафот мекунад.

*Асарҳои М.Глинкаро интихоб намуда, намунае шунавед.*

## КАМАРИНСКАЯ

*(Фантазияи симфонӣ)*

*Оҳанги Михаил Иванович Глинка*






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




**Оммавӣ гардидани мусиқии Аврупо дар байни халқҳои ҷаҳон.** Мусиқии Аврупо аз нуқтаи назари ташаккулёбӣ марҳилаи ниҳоят бузург тай намудааст ва то ҳоли ҳозир инкишоф меёбад. Таъсири он ба маданияти халқҳои ҷаҳон ниҳоят калон буда, ин мавқеъро дар мисоли маданияти мусиқии халқҳои мамлакатҳои ИДМ ҳам дидан мумкин аст. Ҷараёни мазкур сараввал ба санъати мусиқии рус гузашта, ривоҷ ёфта, баъд ба дигарон, аз он ҷумла халқҳои қирғиз, қазоқ, тоҷик, алалхусус мусиқии ӯзбек таъсири амиқ расонда, роҳи ба худ хосро инкишоф додааст.

Дохил шудани анъанаҳои мусиқии Аврупо ба мусиқии ӯзбек ба аввалҳои асри XX рост меояд. Аз он ҷумла таъсири ҷараёни мазкур ба эҷодиёти оҳангсозони ӯзбек шакли дигар гирифта, дар тӯли тамоми аср ривоҷ ёфтааст ва ба қуллаи аз ҳама баланди худ расидааст. Ҷараёнҳои мазкур аз ҳамкории эҷодии намояндагони авлоди чоруми оҳангсозон В.Успенский, С.Козловский, С.Василенко,



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Р.Глиэр бо Т.Содиқов, М.Ашрафӣ, И.Акбаров, Т.Ҷалилов, М.Бурҳонов оғоз ёфтааст. Дар натиҷа дар мусиқии ӯзбек камерсоз, опера, асарҳои симфонӣ пайдо гардид, ки хоси маҳалҳои Аврупо мебошад. Ҳамин қабил ҷараёнро мо дар дигар мамлакатҳои Осиёи Миёна ҳам дида метавонем.

*Мусиқии мумтози Аврупоро интихоб карда, намунаашро шунавед.*

**Оҳанги «Тӯрғайро» ба нота нигоҳ карда навозед:**

**ТӮРҒАЙ I**



?!
1. Мавқеи оркестри деҳқонон дар бобати эҳёи шавқи мусиқии М.И. Глинка чӣ гуна аст?
2. Дар бораи таълифи операи «Руслан ва Людмила» нақл намоед.
3. Дар бораи чӣ тавр таълиф ёфтани фантазияи симфонии «Камаринская» нақл кунед.
4. Жанрҳои асарҳои аврупоӣ дар мусиқии халқҳои Осиёи Миёна кай пайдо шудаанд?
5. Аз аввалин оҳангсозони симфонии ӯзбек киҳоро медонед?

## КОРИ НАЗОРАТӢ

**1. Волфган Амадей Мотсарт дар кадом аср зиндагӣ ва эҷод намудааст?**

А) Асри XVIII; Б) Асри XIX; В) Асри XX.

**2. Ватани оҳангсоз Волфган Амадей Мотсарт куҷост?**

А) Фаронса; Б) Чин; В) Австрия.

**3. Операи Людвиг ван Бетховенро ишора кунед:**

А) «Фиделио»; Б) «Найи сеҳрнок»; В) «Кармен».



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**4. Фридерик Шопен оҳангсози кадом миллат аст?**

А) Фаранавӣ; Б) Поляк; В) Ҷопон.

**5. Михаил Иванович Глинка оҳангсози кадом миллат мебошад?**

А) Ӯзбек; Б) Немис; В) Рус.

**6. Михаил Глинка оё опера навиштааст?**

А) Навиштааст; В) Нанавиштааст?; С) Танҳо барои фортепиано асарҳо навиштааст.

## ҲАРФҶАДВАЛ




1. Мусиқии касбӣ боз бо кадом ном ба забон гирифта мешавад?
2. Яке аз жанрҳои мардумии поляк
3. Жанри бузурги мусиқӣ.
4. Песаи машҳури Бетховен.
5. Симфонияи 3-юми Бетховен чӣ ном дорад?
6. Яке аз жанрҳои эҷодиёти оҳангсозӣ.
7. Яке аз жанрҳои созие, ки аз эҷодиёти оҳангсозӣ мавқеъ пайдо намудааст.
8. Номи фантазияи симфоникии оҳангсози рус М.Глинка.
9. Номи Бетховен.
10. Сози мусиқие, ки саросари ҷаҳон васеъ паҳн гардидааст.
11. Ансамбле, ки аз чор соз ташкил ёфтааст.
12. Оҳангсози немис, ки беш аз 40 симфония таълиф намудааст.
13. Оҳангсози немис, ки асари «Елизага»-ро навиштааст.
14. Пианинанавоз ва оҳангсози машҳури полшагӣ.
15. Оҳангсози бузурги рус.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МУНДАРИЧА

Муқаддима ........ 3
Гимни давлатии Республикаи Ӯзбекистон ........ 4

**Чоряки I**

**Маълумот дар бораи мусиқии мумтоз**

Мавзӯи 1: Мусиқии мумтоз ........ 6
Мавзӯи 2: Оҳангҳои мумтоз ........ 7
Мавзӯи 3: Таронаи мумтоз ........ 10
Мавзӯи 4: Шашмақом – асоси мусиқии мумтози мо ........ 12
Мавзӯи 5: Мусиқии мумтози воҳаи Фарғона–Тошканд. Таронаи калон ....15
Мавзӯи 6: Мусиқии мумтози воҳаи Хоразм ........ 17
Мавзӯи 7: Мусиқии мумтози воҳаи Сурхондарё ва Қашқадарё ........ 20
Мавзӯи 8: Мавқеи мусиқии мумтоз дар маданияти мо ........ 23
Кори назоратӣ ........ 24
Ҳарфҷадвал ........ 25

**Чоряки II**

**Мусиқии замонавӣ ва хусусиятҳои асосии он**

Мавзӯи 1: Мусиқии замонавии ӯзбек ........ 26
Мавзӯи 2: Мусиқии замонавӣ ........ 29
Мавзӯъҳои 3–4: Мусиқии мардумӣ ва санъати достонсароӣ ........ 30
Мавзӯи 5: Мусиқии эстрадӣ. Б.Зокиров ва гурӯҳи «Ялла» ........ 35
Мавзӯи 6: Гузарондани озмун-азназаргузаронӣ ва ҷашнвораҳо оид ба санъати мусиқӣ ........ 39
Кори назоратӣ ........ 40
Ҳарфҷадвал ........ 41

**Чоряки III**

**Мусиқии мумтози халқҳои Шарқ**

Мавзӯи 1: Таронаҳои Шарқ ........ 42
Мавзӯи 2: Мусиқии мумтози халқҳои турк ва озар ........ 45
Мавзӯи 3: Мусиқии мумтози халқҳои тоҷику туркман ........ 46
Мавзӯи 4: Мусиқии мумтози халқҳои Эрон ва араб ........ 49
Мавзӯи 5: Мусиқии мумтози халқи Чин ва уйғур ........ 52
Мавзӯи 6: Мусиқии мумтози халқи Ҷопон ва ҳинд ........ 54
Мавзӯъҳои 7–8: Мусиқии мумтози халқҳои қазоқ ва қирғиз ........ 57
Мавзӯи 9: Монандии мусиқии касбии халқҳои Шарқ ........ 59
Кори назоратӣ ........ 64
Ҳарфҷадвал ........ 65



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Чоряки IV**
**Маълумот дар бораи мусиқии мумтози Аврупо**

Мавзӯи 1: Мусиқии мумтози Аврупо ........................................66
Мавзӯи 2: Волфганг Амадей Мотсарт ........................................71
Мавзӯи 3: Маълумот дар бораи симфония ........................................ 74
Мавзӯи 4: Людвиг ван Бетховен ........................................ 77
Мавзӯи 5: Фридерик Шопен ........................................ 79
Мавзӯъҳои 6–7: Ҳаёт ва эҷодиёти Михаил Иванович Глинка.
Оммавӣ гардидани мусиқии аврупоӣ дар байни халқҳои ҷаҳон .......... 82
Кори назоратӣ ........................................ 85
Ҳарфҷадвал ........................................ 86

---

**Soib Begmatov**

**MUSIQA**

6-sinf uchun darslik
(Tojik tilida)

Нашри шашуми такмилёфта

Мутарҷим Ш.Турдиқулов
Муҳаррир Х.Ҳамидов
Муҳаррири бадеӣ Ш. Мирфаёзов
Муҳаррири техникӣ Е. Корягина
Мусаҳҳеҳ М. Қиронова
Саҳифабанди компютерии Ҳ. Шарипова

Литсензияи нашриёт № 290. 04.11.2016

Ба чопаш 10.08.2017 иҷозат дода шуд. Андозаи 70x90 $^{1}/_{16}$. Кегли 11.
Гарнитураи Таймс. Чопи офсетӣ. Ҷузъи шартии чопӣ 7,02.
Ҷузъи нашриву ҳисобӣ 11,5. Адади нашри 7174 нусха. Супориши рақами ..........
Шартномаи 77–2008

Дар Хонаи эҷодии табъу нашри ба номи Ғафур Ғуломи
Оҷонсии матбуот ва иттилооти Ӯзбекистон.
100128, кӯчаи Шайхонтоҳур, 86 чоп гардидааст.

**www.gglit.uz** **Winfo@gglit.uz**

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE